# Фирӯза

№ 9–10
2 0 2 5
«Занони Тоҷикистон»
Таъсис аз соли 1932



Муяссара Қаҳҳорӣ


ПЕШВО,
СУЛҲОВАР,
ҚАҲРАМОН

# АЗ ИСТЕҲКОМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ТО ПАЁМИ СУЛҲИ ҶАҲОНӢ

**Аслан, дар фазои тантанавӣ ҷашн гирифтани Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фурсати муносибест, ки мо бори дигар ба гузашта рӯ оварем, аз хисороти сангини ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва худсӯзиҳои оғози Истиқлоли давлатӣ сабақ омӯзем.**

Расидан ба ваҳдати миллӣ, ки ба корномаҳои сулҳофарини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такя мекунад, кишвари соҳибистиқлоли моро аз як давраи торики таърихӣ ба самти рӯшаниву саодати миллӣ ҳидоят кард.

Ба ҳеҷ ваҷҳ фаромӯш намекунем, ки дар оғози Истиқлоли давлатӣ бо дасисаи душманони дохилу хориҷ ва гурӯҳҳои манфиатдор мардуми тоҷик чӣ ранҷҳое кашид. Тавре маълум аст, солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ҷанги мудҳиши шаҳрвандиро аз сар гузаронд. Мардум ранҷи зиёд кашид, хонаҳо вайрону халқ дарбадар гашт. Қариб ҳар рӯз дар ин ё он гӯшаи Ватани азизамон задухӯрди мусаллаҳона ба амал омада, одамони бегуноҳ ба ҳалокат мерасиданд. Мардум баояндаи нек бовар надошт, барои ҷон ба саломат бурдан ба хоки Афғонистон фирор мекард. Гузашта аз ин, гурӯҳҳои ғаддору ғуломи хоҷагони беруна ба мардум раҳм намекарданд ва амалиёти низомиро идома медоданд. Дар чунин шароити сангин кишвар ба наҷотбахше ниёз дошт, то ҷонибҳои мухолифро ба ҳам орад, сулҳу ваҳдатро пойдор ва давлату миллатро аз нестшавӣ ҳифз кунад. Ҳарчанд ба ёд овардани он рӯзҳои даҳшатбор осон нест, вале саҳнаҳои торики ҷангу хунрезӣ, муҳоҷирати иҷборӣ ба кишварҳои ҳамсоя, ки ҳама аз бими ҷон буд, чун бахше аз оғози давлатдории навини мо дар таърих сабт гардидаанд.

Агар дар он замон номи кишвари мо ба далели ноамниҳо дар ҳошия кашида мешуд ва мардуми олам, бахусус, ҷаҳонгардони хориҷӣ аз сафар ба Тоҷикистон худдорӣ мекарданд, ҳоло баръакси ин ҳолатро мебинем. Феълан, сайёҳон бо майлу рағбати зиёд ба марзи Тоҷикистони амну бехатар по мегузоранд ва бо таассуроти нек ба ватанашон бармегарданд. Ин ҳама аз талошҳои давомдори Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад, ки бо сиёсати санҷидаю оқилонаи худ на фақат сулҳу ризояти миллиро истеҳком бахшиданд, балки мамлакати моро дар саҳнаи сиёсати байналмилалӣ ҳамчун давлати ташаббускору собитқадам дар ҳалли масоили глобалӣ муаррифӣ карданд.

Ҳоло паёми сулҳи тоҷикон дар шахси Пешвои муаззами миллат ва сиёсатмадори башардӯсти олам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марзҳоро убур карда, аз минбарҳои бонуфузи байналмилалӣ садо медиҳад. Далели равшан ин аст, ки дар баробари панҷ ташаббуси қаблӣ оид ба обу иқлим, соли гузашта Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ дар мубоҳисаҳои Иҷлосияи 79-уми Маҷмаи умумии СММ пешниҳод карданд, ки тавассути Қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул шавад. Дарвоқеъ, ин паёми ҷаҳонсозе буд, ки ба тақдири имрӯзуояндаи мардуми ақсои олам гиреҳ мехӯрад ва дар сурати муносибати ҷиддӣ ба ин пешниҳод кафолати ҳамзистии осоишта таъмин хоҳад шуд.

Аминем, ки дар сатҳи байналмилалӣ ба ташаббуси навбатии кишвари мо бархурди оқилона сурат мегирад, зеро таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон кайҳо боз дар ҷаҳони имрӯз эътироф ва мавриди омӯзиш қарор гирифтаву ба шахси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ ва ташаббускори ҳалли масоили байналмилалӣ эҳтиром гузошта мешавад.

Дар иртибот ба чунин ҷойгоҳи шоистаи кишвару Сарвари маҳбуби хеш моро зарур аст, ки қабл аз ҳама, дар ҳифзи сулҳу ваҳдати миллӣ устувор бошем, ҳамзамон, бо гиромидошти неъматҳои истиқлолу озодӣ, дар оянда обрӯ ва нуфузи афзояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҳифз намоем, зеро дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолии кишвар дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, бунёдкориву созандагӣ, ҳалли худро ёфтани масоили муҳимми тақдирсози кишвар бори дигар азму иродаи қавии Президенти муҳтарами мамлакатро дар амалӣ намудани мақсадҳои наҷиб дар роҳи шукуфоиву пешрафти Тоҷикистони азизамон собит менамояд. Мо бояд даст ба дасти ҳам гирифта дар канори Пешвои миллат бошем ва барои ободии Ватан талош намоем.

**«Фирӯза»**

# РУШДБАХШОИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ БОШЕМ

## (Дар партави суханрониҳои Пешвои миллат оид ба забон)

**Заминаҳои бунёдии роҳи ташаккули сиёсати давлатӣ оид ба забон – боло гирифтани ифтихори миллӣ, бархурди андешаҳои зиёиёни пешқадам, коркарди тадбирҳои стратегии давлатӣ, ташкили силсилаи чорабиниҳои давлат оид ба таҳкими пояҳои иҷтимоӣ ва рушди забон, таҷлили Рӯзи забони давлатӣ, ки дар саросари кишвар ва берун аз он миёни соҳибзабон ва ҳамзабонони мо ба як ҷашни миллӣ табдил ёфтааст, ҳамчунин, роҳу василаҳои гуногуни ба амал баровардани ин тадбирҳо маҳз, пуштибонӣ ва талошу ғамхориҳои Пешвои муаззами милат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки содиқона ба ин масъалаи ҳифзи рукни асосии давлатдорӣ – забон таваҷҷуҳи бештар доранд.**




Воқеан, ташаббускори ин раванди сиёсию фарҳангӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб ёфтаву муҳимтарин масъалаҳои сиёсати забон дар гузориш ва суханрониҳои Ҷаноби Олӣ зикр гардидаанд ва китоби тозанашри Сарвари давлат «Забони миллат – ҳастии миллат"-ро, ки аз 2 ҷилд иборат аст, метавон марҳалаи тозаи хидмати Пешвои миллатамон дар соҳаи забон шуморид. Ин китоби пурмуҳтаво ба таърихи забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили зиёда аз чаҳорсад сарчашмаи илмии ватаниву хориҷӣ кӯшидааст, ки ба печидатарин масъалаҳои баҳсноки давраҳои қадим ва миёнаи забони тоҷикӣ равшанӣ андозад. Аз он ҷумла, андешаҳои мухталиф оид ба даврабандии таърихи забони тоҷикӣ, ташреҳи моҳияти забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ҳиндуэронӣ, умумиэронӣ ва мафҳуми «ориёӣ» дар ин росто, муколамаи афкор дар хусуси истилоҳи «тоҷик» ва шарҳи саҳеҳи он, мақоми забони тоҷикӣ дар давраҳои ҳукмронии сулолаҳо, нақши забони тоҷикӣ чун забони байналмилалӣ, тамоюли таъсирпазирии забонҳо ба ҳамдигар ва монанди инҳо барои доираи васеи мутолиакунандагон, бахусус, забоншиносон чун моводи муътамад хидмат менамояд.

Хидматҳои бузурги Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар замони ҷаҳонгарой дар назди халқи тоҷик рисолати нави таърихии Пешвои муаззами миллатро ба вуҷуд овард, ки он ҳамчун категорияи нави таърихию ҳуқуқӣ дар илми сиёсатшиносӣ ва фанҳои ҷамъиятшиносӣ боби тоза боз менамояд.

Дар суханрониҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон чун сухан аз бойигарии маънавӣ ва ифтихори миллӣ меравад, ҳатман аҳаммияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии забони тоҷикӣ ёдовар мегардад. Ин масъалаҳо мукаммалтар, марҳила ба марҳила дар суханрониҳои Ҷаноби Олӣ дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (20 марти соли 2004), суханронӣ ба муносибати Рӯзи забон (22 июли соли 2008), суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ (5 октябри соли 2010), суханронӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (4 октябри соли 2012), табрикоти Ҷаноби Олӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 октябри соли 2015 ва соли 2019) ва дигар гузоришу баромадҳои Пешвои миллат баён гаштааст.

Ҳамин тавр, Пешвои муаззами миллат фармудаанд: "Бо шарофати забони шево ва гӯёи мо, ки ба он илмҳои дақиқ ва адабиёту фарҳанги ҷаҳоншумул эҷод гардидааст, халқи тоҷик аз байн нарафт, баръакс дар фарҳанги халқи мо қавмҳои ҳоким омезиш ёфта, лафзи шаккарини дариро барои худ забони модарӣ интихоб намудаанд". Дар ҳақиқат, исботи як ҷанбаи ин воқеияти таърихӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки баъди таназзулёбии сулолаи Сомониён дар ин сарзамини паҳнову фарох, чун Аморати Бухоро ва дигар хонигариҳову кишвардориҳо мардуми тоҷик бо забону фарҳанг, таърих ва тамаддуни хеш то даврони Инқилоби Бухоро (соли 1920) умр ба сар бурдаву

кору эҷод кардааст ва танҳо ҳокимони ин қавму ин миллат ғайритоҷик буданду шефтаву мутеи забон ва фарҳангу тамаддуни ин миллати ориёинажод гардида буданду коргузориву давлатдорӣ ҳам маҳз, бо ҳамин забони тоҷикӣ (форсӣ) ба роҳ монда мешуд.

Президенти кишвар, ҳамчунин, дар яке аз суханрониҳои худ зикр доштаанд: "Аз он ифтихор дорем, ки асолати забонамон дар тули беш аз 1000 сол то замони мо бетағйир расидааст ва имрӯз низ шеъри оламгири қофиласолори адабиёти тоҷику форс устод Рӯдакиро бе ягон луғат мехонему завқ мебарем.". Ин суханони олимақоми Сарвари давлат ифтихори моро бо он боло мебардорад, ки воқеан, забони тоҷикӣ имрӯз миёни беш аз 6547 забони дунё, ки шомили 24 оилаи забонҳои дунё мебошанду арзи вуҷуд доранд, дар қатори 4 забони классикии ҷаҳон (лотинӣ, юнонӣ, санскрит ва тоҷикӣ-форсӣ) мақому манзалат ва ҷойгузин гардидаву эътироф шудааст. Зеро забонҳое, ки ҳазорсола ва беш аз он буданду имрӯз ҳам он забонҳо соҳибзабон доштаву мардумонаш онро то ҳол бе луғат мефаҳманд, аслан, забони классикӣ маҳсуб мешавад.

Ҳамзамон, Пешвои муаззами миллат соҳибзабононро бо мақсади пайваста арҷгузори забони миллии худ будан даъват карда, таъкид намудаанд: «Фарде, ки аз сарчашмаи суннатҳои аҷдодӣ ғизо намегирад, аз фарҳанги қадимаву ғаноманди гузаштагон баҳравар намегардад, ба қадри забони шевои модарӣ, адабиёти чандинҳазорсола, таърихи бойу пурифтихор ва Ватани тамаддунофари аҷдодӣ намерасад, чун дарахтест, ки аз решаи ҳаётбахш канда шудааст».

Суханони Пешвои миллат пуштибониву густариш ва соҳибии забонро вазифаи ҷонии ҳар соҳибзабон шуморида, зикр мекунанд, ки «Дар овони Истиқлоли миллӣ пуштибонӣ ва густариши забони давлатӣ, таҳкими мақому мартабаи он аз ҳисоби захираи забони классикию халқӣ, ғанитару суфтатар намудани забони адабӣ ва покизаю беолоиш нигоҳ доштани забони матбуоти даврӣ вазифаи ҷонии зиёиёну аҳли фарҳанг ва ҳар фарди ватанпарвару миллатдӯст мебошад».

Суханрониҳои Сарвари давлат, ки моро барои гузариш ба насабу номгузории тоҷикӣ дар ҳар як хонаводаи тоҷик, хосатан, барои кӯдакони навзодамон ҳидоят мекунанд, дарак аз ҳифзу гиромидошти суннату анъанаҳои миллии насабнигории мосту мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур медиҳанд: "Вақти он расидааст, ки дар навиштани ному насаб аз имкониятҳои забони тоҷикӣ ва низоми таърихан ташаккулёфтаи миллӣ истифода барем. Татбиқи оқилона ва санҷидаи ин сиёсат ба эҳё ва тақвияти асолати миллӣ мусоидати матлуб хоҳад намуд". Дарвоқеъ, татбиқи қарори ҲҶТ "Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ", инчунин, амалисозии муқаррароти моддаи 20-и ҚҶТ "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" (аз 02.01.2025, №2117), ки интихоби ном, ташаккулёбии насабу номи падар ва ислоҳу ивази насабу номгузории ба талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мухолифатдоштаро танзим намудаву муайян менамояд, муаррификунандаи мо ва шахсияти мо ба дигар халқҳои олам мебошад.

"Давлат ва Ҳукумат ҳамеша саъй доранд, ки барои инкишофи пайгирона ва муътадили забони давлатӣ тамоми имкониятҳоро фароҳам созад. Дар навбати худ олимону забоншиносони мо ва умуман аҳли зиёи кишвар низ бояд аз рӯйи масъулият вазифаи худро дар назди Ватану миллат ба таври шоиста анҷом диҳад"...."Вазифаи мақомоти давлатӣ аз он иборат аст, ки манфиатҳои гурӯҳҳои миллӣ ва мазҳабиро сарфи назар накунанд ва барои ривоҷи маданият, забон ва суннатҳои ҳамидаи миллӣ кумак кунанд". Инҷо, мо албатта дар баробари арҷгузорӣ ба забони модарии ҳамаи кавму миллатҳои кишвар, ҳамзамон, риояи муқаррароти ҚҶТ "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро амри воҷиб дониста, бояд ки ба амалисозии муқаррароти Қонуни мазкур ва татбиқи нақшаи барномаву дастурҳои марбут ба сиёсати давлатӣ дар бораи забонро сидқан фаъолияти вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташонро дар ин самт дуруст ва саривақтӣ ба роҳ монем. Яъне ҳар як санаду ҳуҷҷати марбут ба масоили сиёсати давлат оид ба забон, аз қабили омӯзиши масоили номгузорӣ ба фарзанд, маҳалҳои аҳолинишин, ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон ва танзиму баррасии санаду қонунҳои мухолифаткунанда дар ин росто, ки ҳанӯз ҳам ба татбиқи орифонаву оқилонаи ин мақсаду ҳадафҳо равона гардидаанд, аз ҷониби мақомотҳои дахлдор тибқи амалисозии бандҳои Нақшаи «Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2020, №647 тасдиқ гардидааст, бояд роҳи ҳалли худро ёбанд. Инчунин, вақти он расидааст, ки масоили болозикр ҳамчун мавзуи мубрами омӯзишӣ дар нақшаи барномаҳои таълимии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва олии кишвар ҷой карда шаванд. Зеро маҳз, бо роҳи омӯзиши ин гуна масоили мубрам амалӣ гардидани ҳалли мушкилоти чунин масоил, ки имрӯз дар интихоби номгузории нуктаҳои савдову марказҳои хизматрасонӣ, ошхонаву тарабхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳои тиҷоратию истеҳсолии ҳудуди кишвар нигаронкунанда боқӣ мемонанд, мо шууру зеҳни насли наврасу ҷавонро дар ҷомеаи соҳибистиқлоламон ташаккул додаву бо истифода аз суннату арзишҳои моддиву маънавии миллиамон муаррифӣ хоҳем гардид. Албатта, зарурат пеш меояд, то соатҳои таълими забону адабиёти тоҷикиро дар гурӯҳҳои тахассусҳои ғайрифилологӣ зиёдтар намуд, ки маҳз, ин иқдом рушду густариши забону адаб ва фарҳанги миллиро дар зеҳну шуури ҳар як соҳибзабон парварида метавонад.

**Зулфониён Раҳим Раҷабзода**

*– омӯзгори Донишгоҳи (славянии) Россияву Тоҷикистон, узви Шурои ҳамгунсозии истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# МАФҲУМИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони истиқлол мебошад. Он ҳамчун қонуни асосии давлат пояи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии давлатдории миллии тоҷиконро муайян мекунад. Конститутсия роҳи давлатдории навинро барои Тоҷикистон боз намуд ва принсипҳои демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявиро асос гузошт.**




Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин қонуни асосӣ мебошад, ки принсипҳо ва меъёрҳои муҳимтарини сохтори давлатӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимият, муносибатҳои байни давлат ва шаҳрванд, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро муайян мекунад.

Он тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа – сиёсат, иқтисод, фарҳанг ва ҳуқуқро ба таври мукаммал фаро гирифтааст.

Дар моддаи 1-и Конститутсия чунин омадааст: “Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад.”

Ин меъёр мазмуни асосии Конститутсияро ифода мекунад ва моҳияти давлатро ҳамчун давлати мустақилу озод нишон медиҳад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Ин воқеа дар таърихи миллати тоҷик ҳамчун оғози марҳалаи нави давлатдорӣ сабт шуд.

Пеш аз он Тоҷикистон танҳо дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ (СССР) Конститутсия дошт, вале пас аз истиқлол, ниҳоят соҳиби Конститутсияи мустақил гардид.

Дар ин санади муқаддас соҳибихтиёрии халқ, тақсимоти ҳокимият ба се шоха (қонунгузор, иҷроия, судӣ), ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рамзҳои давлатӣ ва сохтори ҳудудии кишвар муайян карда шудаанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 боб ва 100 модда иборат аст. Дар онҳо - асосҳои сохтори давлатӣ; принсипҳои сиёсӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, вазифаҳои шаҳрвандон, ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ бо тартиби возеҳ нишон дода шудаанд.

Конститутсия, инчунин, пояи ягонагии миллӣ ва ваҳдати шаҳрвандиро таъмин менамояд.

Конститутсия барои давлатдории навини Тоҷикистон аҳаммияти муҳим дорад. Аз ҷумла:

1. Пояи ҳуқуқӣ: ҳамаи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ дар асоси Конститутсия қабул мешаванд.
2. Кафолати ҳуқуқи инсон: он ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро ҳимоя мекунад ва давлатро уҳдадор месозад, ки онҳоро таъмин намояд.
3. Рамзи ваҳдат: Конститутсия тамоми миллату халқиятҳои Тоҷикистонро дар як давлати воҳид муттаҳид мекунад.
4. Асоси сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ: ҳамаи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати дохилии кишвар ба меъёрҳои он мувофиқ аст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо як санади ҳуқуқӣ, балки рамзи истиқлол, ваҳдат ва суботи миллӣ мебошад.

Он роҳи пешрафти давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро муайян карда, барои наслҳои оянда ҳамчун ҳуҷҷати муқаддас хизмат хоҳад кард. Риоя ва эҳтироми Конститутсия ин нишондиҳандаи ватандӯстӣ, ватанпарварӣ ва масъулияти шаҳрвандии ҳар як сокини Тоҷикистон аст.

**Рофиева Н. Р.**
*мудири кафедраи стоматологияи МДТ «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ»*



# НАМОИШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «КИТОБИ ДУШАНБЕ»

**20-уми октябри 2025 дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон Намоиши сездаҳуми байналмилалии «Китоби Душанбе» оғоз гардида, то 22 октябр идома ёфт. Дар он намояндагони корхонаҳои табъу нашри беш аз даҳ давлати ҷаҳон ваноширони Тоҷикистон китобҳои тозанашрро ба намоиш гузоштанд.**










22 октябр дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон Намоиши сездаҳуми байналмилалии «Китоби Душанбе» ҷамъбаст гардида, ноширони ватанӣ ва хориҷӣ барои иштироки фаъолона бо Диплом ва Сипоснома қадрдонӣ карда шуданд.

Дар намоишгоҳ наширон ва намояндагони фарҳанги ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон, Туркия, Ҷумҳурии Мардуми Чин, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Федератсияи Русия китобҳои тозанашрро пешниҳод намуданд. Ҳадаф аз баргузории намоишгоҳ муаррифии китоб ва таҳкиму густариши робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо давлатҳои ҷаҳон, ташвиқу тарғиби китоб ва китобхонӣ дар ҷомеа мебошад.

Зимни ҷамъбасти намоиш иброз гардид, ки фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ имкон дод, ки дар мамлакат теъдоди нашриёти давлатию хусусӣ сол ба сол афзуда, китоб ҳамчун василаи камолоти инсон мақоми хоссаро соҳиб гардад.

Ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ барои 10 миллион нусха китоб, баргузории намоишгоҳҳои байналмилалии китоб, озмунҳои гуногун, аз қабили Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», ройгон дастрас гардидани «Тоҷикон» – шоҳасари аллома Бобоҷон Ғафуров ва китоби «Шоҳнома»-и ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳар хонадон ва таҷлили Рӯзи китоб аз ҷумлаи дастгириҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани мақоми китоб дар мамлакат мебошад.

Баргузории Намоишгоҳи байналмилалии «Китоби Душанбе» дар пойтахти мамлакат ба ҳукми анъана даромадааст. Он дар таҳкиму густариши робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо мамлакатҳои дӯсту бародар, ташвиқу тарғиби китоб ва китобхонӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва маънавии насли наврас ва ҷавон тавассути мутолиаи осори адибон нақши созгор мегузорад.

**Марям Холиқзода**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАШАББУСИ ГЛОБАЛӢ ДОИР БА ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

**Тағйирёбии иқлим ба сифати яке аз мушкилоти замони муосир, пеш аз ҳама, ба ҳолати пиряхҳо, захираҳои барф ва об таъсири манфӣ мерасонад. Обшавии босуръати пиряхҳо, ки манбаи асосии оби ошомидании сокинони сайёра мебошанд, метавонад боиси коҳишёбии минбаъдаи сарчашмаи оби ошомидании тоза гардад.**

Нақши пиряхҳо дар таҳаввулоти кураи Замин ва инсоният хеле бузург аст, зеро инкишофи муҳити ҷуғрофии сайёраи мо бо мувозинати гармӣ ва намнокӣ муайян карда мешавад, ки он ба ҷараёни шаклгириву тағйирёбии пиряхҳо сахт вобаста аст. Дар даҳсолаҳои охир баландшавии мизони миёнаи ҳарорати ҳаво дар ҷаҳон ба мушоҳида мерасад, ки боиси обшавии пиряхҳо ва хеле кам шудани майдони онҳо гардидааст.

Имрӯз дар тамоми ҷаҳон пиряхҳо бо суръати зиёд об мешаванд. Олимон тахмин мезананд, ки то соли 2100 нисфи пиряхҳои кӯҳии ҷаҳон аз байн хоҳанд рафт. Тақрибан 1,5-2 миллиард нафар ба душвории камбудии об дучор мегарданд ва дарёҳое, ки аз пиряхҳо сарчашма доранд, хушк мешаванд. Дар баробари ин, сатҳи баҳрҳо, уқёнусҳо баланд шуда, заминҳои назди соҳилҳо зери об мемонанд. Ва ин падидаи фоҷеаовар ба инсоният таъсири амиқи хешро мегузорад.

Ҳамин аст, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ибтидои асри XXI ба ҳалли масоили глобалии экологӣ хеле афзуд. Зеро тавре ишора шуд, яке аз таҳдидҳои глобалӣ ба зиндагии башар коҳиши захираҳои об мебошад.

Мушкилоти истифодаи об дар ҷаҳон ба омили муҳимми таъсиргузор ба иқтисодиёту иҷтимоиёт, инчунин, таъмини амнияти минтақавӣ ва миллӣ табдил ёфта истодааст. Зеро бо зиёдшавии шумораи аҳолӣ дар сайёраи Замин ҳаҷми истеъмоли об бо суръат зиёд гардида, захираҳои обӣ рӯзафзун кам мегарданд. Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, тақрибан 700 миллион нафар дар 43 кишвари ҷаҳон, айни замон, дар шароити норасоии оби тоза зиндагӣ ба сар мебаранд. Тибқи аснод, танҳо 2,5% оби мавҷуда дар Замин оби ширин ва муносиб ба нӯшидан аст. Норасоии оби тоза бошад, боиси мушкилоти ҷиддии иҷтимоии марбут ба саломатии инсон мегардад. Бинобар ба маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, 88% бемориҳо дар ҷаҳон вобаста ба сифати пасти оби ошомиданӣ будааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам



Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори дурбин дар арсаи ҷаҳонӣ масоили обу иқлим, махсусан, ҳифзи пиряхҳоро ба миён гузоштанд. Моҳи декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар Иҷлосияи 77-уми худ Қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, якдилона қабул кард. Ин ташаббуси Президенти Тоҷикистонро 153 давлати узви ин Созмон ҷонибдорӣ намуд. Дар асоси ин Қатънома, 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон гардид ва қарори дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо ва соли 2025 доир намудани Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе низ ба тасвиб расид.

Ин ташаббуси Пешвои миллат барои инсоният ва сайёраи мо, воқеан, аҳаммияти бузург дорад, зеро он ба ҳифзи табиат ва захираҳои обӣ, дар маҷмуъ, ба ҳифзи ҳаёти инсоният дар сайёраи мо равона шудааст.

**Боқизода Адлиносои Боқимаҳмад**
*ходими илмии Маркази омӯзиши пиряхҳои АМИТ*

# ҶАШНИ КИШОВАРЗОН

**Меҳргон дар радифи пуршукӯҳтарин ҷашнвораҳои аҷдодонамон қарор дошта, он аз замони дуродури таърих манша мегирад. Новобаста аз гирудорҳои сиёсию фарҳангӣ ва мазҳабӣ Меҳргон тавонист аз гузашта то имрӯз эътибору манзалати иҷтимоии хешро ҳифз намояд.**

Меҳргон ба монанди Наврӯз, Сада ва Тиргон таҷассумгари суннатҳои миллӣ аст. Оид ба пайдоиш ва густаришу бузургдошти Меҳргон мутафаккирони барҷастаи Шарқу Ғарб ибрози назар намудаанд. Тибқи навиштаҳои онон Меҳргон ин ҷашнест, ки покизагию фаровонҳосилӣ, ризқу рӯзии мардум, хони пурнозу неъмат, қаноатмандию нишотро бо худ ҳамроҳ меоварад ва он шукӯҳу ҷалоли дурахшони ниёгони мост. Дар осори бузургони илму фарҳанги ниёгонамон Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абурайҳони Берунию Умари Хайём, Борбади Марвазию Унсурӣ оид ба Меҳргон навиштаҳои гаронбаҳое мавҷуданд, ки бо камоли эҳтиром ва гарму ҷӯшон аз расму оин, шукӯҳу шаҳомат ва иззату шӯҳрати он маълумотҳои беназире овардаанд.

Тибқи муқаррароти солшумории шамсӣ Меҳргон аз замони салтанати сулолаи Каёниён сарчашма мегирад, ки он ба рӯзи шонздаҳуми Меҳргон, яъне 8 октябри солшумории мелодӣ рост меояд. Аз он дам ҳамасола ниёгони мо ин рӯзро чун тантанаи сулҳу осоиш, намоиши ранҷи кашидаи деҳқон, анҷоми корҳои барзгарон, пастравии гармии офтоб, коҳиши нумуи табиат, фарорасии айёми хазонрез таҷлил менамудаанд, ки он 6 рӯз идома меёфтааст.

Истиқлоли давлатии Тоҷикистон барои эҳёи расму оинҳои миллӣ, аз ҷумла, Меҳргон марҳалаи тозае касб намуда, ба он умри дубора бахшидааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста талош меварзад, ки мероси ғании фарҳангӣ, расму оинҳои ниёгон дар доираи чорабиниҳои давлатӣ қайд гардад.

Меҳргон ҷашни ҷамъоварии ҳосили рӯёндаи деҳқон, иди фаровонӣ, шодию нишот, дӯстию рафоқат, ваҳдату ягонагӣ ва меҳру садоқат аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Меҳргон яке аз ҷашнҳои чоргонаи машҳуру маъруфи мардуми тоҷику форс мебошад ва пайдоишу такомул ва таҳаввули минбаъдааш, асосан, бо шуғли кишоварзӣ ва рӯзгори аҳли фарҳангу гоҳшуморӣ марбут аст, бо дастури Президенти кишвар ин иди бостонӣ ҳар сол моҳи октябр чун ҷашни миллии давлатӣ бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад.

Чунонки сарчашмаҳои куҳани таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ниёгони мо дар ин рӯз сару либоси



идонаи арғувонӣ мепӯшиданд ва ҳамдигарро бо беҳтарин таманниёт табрик мекарданд. Суфраи Ҷашни Меҳргонро низ бо матое, ки ранги арғувон дорад, густурда мекарданд. Дар рӯйи дастархони ҷашнӣ шамъ, ширинӣ, хӯрданиҳои маҳаллӣ ва бӯйҳои хуш, монанди гулоб, ҳазориспанд, анбар ва заъфарон мегузоштанд, ки ин ҳама аз фазилатҳои неку писандида ва фарҳангу маънавиёти ғании халқи тоҷик дарак медиҳад.

Хулоса, Меҳргон баробари инкишофи зироатчигӣ ва ҷорӣ гардидани тақвими деҳқонӣ пайдо шуда, иди ҳосилот ва намоиши дастранҷи кишоварзон аст.

Ба таъкиди Роҳбари давлат, ҷашн танҳо ба хотири ҷашн нест ва таҷлили ҳар санаи муҳим дар зиндагӣ бояд моро ба андеша ва хулосабарорӣ барои оянда таҳрик созад. Бинобар ин, амалӣ гардонидани чорабиниҳои мунтазам оид ба беҳтар намудани вазъи соҳаи кишоварзӣ, роҳҳои ҳалли мушкилот ва таъмини рушди устувори он ба хотири расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон – таъмини амнияти озуқаворӣ ва муҳимтар аз ҳама, худкифо шудани Тоҷикистон аз лиҳози таъмини маводи ғизоӣ, вазифаи аввалиндараҷаи олимону мутахассисони бахши кишоварзӣ ба шумор меравад.

**Ёқубҷон Уроқов**
*корманди*
*МД «Рушди соҳибкорӣ*
*дар соҳаи кишоварзӣ»*



# ДУОИ ШОИР

**Шоири соҳибному соҳибэҳтироми тоҷик Норинисо барои дӯстдорони шеър чеҳраи ошност. Ӯ бо мероси адабии хеш маҳбуби дилу дидаҳои мардум гашта, дар ёду хотироти дӯстдорони каломи бадеъ барои ҳамешагӣ маскан гирифтааст.**



*Норинисо Алимуҳаммад*

Норинисо дар оилаи марди фозил Алимуҳаммад чашм ба дунёи ҳастӣ кушода, сабақи аввалинро аз қиблагоҳаш меомӯзад. Падари ӯ, агарчӣ косиб буд, аммо ба мероси бузургони форсу тоҷик дилбастагӣ дошт.

Норинисо, чун духтари дӯстдор ва меросбари падар, ҳама нозукиҳои рӯзгорро аз қиблагоҳи хеш омӯхта, дар партави ҳидоятҳои маънавии сутуни хонадон осори пурғановати Хоҷа Ҳофиз, Хоҷа Камол, Бедил ва Ҷалолиддини Балхиро аз бар намуд. Ба ин васила меҳру муҳаббати адабиёт ва шеъру шоирӣ дар дили меҳрпарвари ӯ бедор гардид.

Пас аз реҳлати падар, рӯзгори хонавода ва тарбияи ду фарзанди ноболиғ бар дӯши модар монд. Норинисо, ки фарзанди калонии оила буд, дарди модарро эҳсос мекард. Дарк мекард, ки барои ӯ танҳо нигоҳубин кардани фарзандон осон нест. Ҳамин аст, ки дар паҳлуи модар мадори дил шуд ва додарону хоҳаронашро ба воя расонид. Гардиши рӯзгор ӯро водор намуд, ки барои пешбурди зиндагӣ заҳмат бикашад.

Дар корхонаи шоҳибофии Хуҷанд, ки қиблагоҳаш 35 соли умри хешро он ҷо сипарӣ карда буд, ба кор омад. Духтари ҷавон ҳамеша дар фикри кор ва пайдо намудани ризқ буд, зеро хуб эҳсос менамуд, ки танҳо ӯ ягона муттакои модар аст.

Вале бо вуҷуди мушкилоти рӯзгор меҳри шеъру адабиёт дар қалби ӯ хомӯш нашуд. Бинобар ин, сари дастгоҳи шоҳибофӣ ҳам атлас мебофту ҳам шеър мехонд. Ва билохира худаш ҳам сатр мавзун мекард...

Соли 1967 бо раҳнамоии падаронаи Нависандаи халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил, шеърҳои Норинисо дар саҳифаҳои рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» рӯи чопро диданд.

Аз ҳамон лаҳза то вопасин рӯзҳои умр, ӯ бо шеъру адабиёт пайванди ногусастанӣ ёфт. Аз Норинисо бист маҷмуаи ашъор ба ёдгор мондааст. Китоби нахустини ӯ соли 1980 бо номи «Дунёи умед» аз чоп баромад. Соли 1983 бошад, «Оҳангҳои соҳил»-ро тақдими хонандагон намуд. Баъдан «Гаҳвораи меҳр», «Садоқат», «Сиюсе ғазал», «Ҳазору сад сатр» (бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён), «Ошёни меҳр», «Лаҳзаи дидор», «Дарёи муҳаббат» ва «Меҳвари андеша» пайи ҳам рӯйи чоп омаданд, ки номи шоирро зиндаву ҷовид нигоҳ медоранд.

Ашъори ин шоири маҳбуб вирди забони хосу ом аст. Аз ҷумла:

*Дар зери чархи гардун мову шумо ғанимат,*
*Афтода, хестанҳо бемуттако ғанимат.*

*Ки бо чунин мисраъҳо ба пойин мерасад:*

*Чун умри одамизод кӯтоҳтар зи оҳ аст,*
*Дар суҳбати шумоён Норинисо ғанимат.*

Сароғози ҳарфи мо ба эҷодиёти шоира Норинисо бесабаб нест, зеро дар бораи фарзанди эшон Муяссара Қаҳҳорӣ мехоҳам чанд ҳарфи меҳр нависам.

Мо, мардуми фарҳангсолори тоҷик, урфу одатҳои хубе дорем. Аз гузаштагони мо як каломи раҳнамунсоз ба мерос мондааст:

«Келини хубу порсо ҳукми духтарро дорад».









Муяссара Қаҳҳорӣ ҳам келини хонадони ин шоираи шаҳир аст. Аз оғози зиндагӣ бо фарзанди шоир, модар бо ҳарфи муҳаббат ба наварус мегуфт:

«Духтарам, аз ин рӯз эътиборан дар оила на келин, балки мақому манзалати фарзандӣ дорӣ. Ҳама шикасту рехти рӯзгорро таҳаммул намо, то ки дар сангари зиндагӣ ба қуллаи мақсуд бирасӣ».

Ҳамин панду андарзи модар боис гардид, ки Муяссара ба ошёни баланди одаму одамият расид. Бо саъю талоши хеш ва бо дастгирии ҳамсафари қисматаш гули умеду орзуҳояш дар боғистони қисмат шукуфт.

Чанд сол аст, ки муаллимаи азиз Муяссара Қаҳҳориро мешиносам. Дар суҳбатҳо ӯ ҳамеша аз хушдоманашон шоира Норинисо бо меҳр ёд карда мегӯяд:

"Модари шоирам ба ман дуо додаанд. Эшон ҳамеша мегуфтанд, ки дар азми хеш қавӣ бошам, дар зиндагӣ ба каму костӣ, ба душвориҳо бо сабр бошам. Бо қаноат ва сабурӣ ҳама мушкилотро пушти сар кунам. Дуо ва насиҳатҳои эшон дар зиндагӣ ҳамеша мададгор ва роҳнамоям аст".

Муяссара Қаҳҳорӣ тимсоли зани муваффақи даврони истиқлол буда, ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кору рӯзгори хеш қарор дода, хизмат ба халқу ватанро мароми зиндагии хеш медонад.

"Пешвои миллати мо ба масъалаи мақоми зан дар ҷомеаи диққати хос медиҳанд. Мо занон вазифадор ҳастем, ки дар татбиқ ва таҳкими ин сиёсати хирадмандона камари ҳиммат баста барои ободиву гулгулшукуфоии ватанамон саҳм гузорем. Зеро пешрафти Ватан аз Зан-Модар вобастагии зиёд дорад" – мегӯяд Муяссара Қаҳҳорӣ.

Муяссара Қаҳҳорӣ солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои гуногун фаъолият карда, аз моҳи августи соли 2017 ба ҳайси мудири шуъбаи кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд фаъолият намудааст. Аз 12 январи соли 2024 ба мансаби муовини раиси шаҳри Хуҷанд таъин гардид. Оиладор ва соҳиби чор фарзанд аст.

Ӯ дар олами бекаронаи муҳаббат худро зани хушбахт меҳисобад, зеро ҳама нозукиҳои рӯзгорро аз модар омӯхта, ҳеҷ гоҳ ҳарфи мураббии рӯзгорашро дар замин нагузошт. Дуои модари шоирро гирифт ва ба мартабаҳои баланд расид. Имрӯз Муяссара Қаҳҳорӣ дар набардгоҳи рӯзгор муваффақ гашта, дар ҷодаи хидмат ба халқу миллат комёб гардидааст.

**Акбар Аскарзода**

# ЭЪТИРОФИ ҶАҲОНИИ СӮЗАНИИ ПАНҶАКЕНТ

**23 октябри соли равон шаҳри Панҷакент расман «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳои дастӣ барои сӯзанидӯзӣ» аз ҷониби «Шӯрои ҷаҳонии ҳунармандӣ» эътироф гардид. Дар ин хусус АМИТ «Ховар» бо истинод ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад.**



Ин иқдом баёнгари зарофати ҳунар ва анъанаҳои қадимаи сӯзанидӯзӣ аст, ки дар умқи таърихи шаҳри бостонии Панҷакент реша давондааст. Зеро воқеан, сӯзанӣ - маъмултарин ҷиҳози гулдӯзишудаи рӯзгори тоҷикон аст, ки тақрибан дар ҳар хонавода мавҷуд мебошад. Махсусан, мардуми ҳунарвари Панҷакенти бостонӣ асрҳост, ки ҷиҳози арусон, хонаи меҳмонон ва ҷашну маросимҳоро зебу зиннат мебахшад.

Сӯзанӣ дар асл нигораи серранг ё сиёҳу сафеди росткунҷаи девории матоъӣ мебошад, ки дар тамоми Тоҷикистон бонувони ҳунарвар онро медӯзанд. Он аз ҷиҳати шаклу андоза (2х3, 3х4, 4х5 ва беш аз ин) гуногун мешавад. Нақшҳои сӯзанӣ хусусияти хос ва андозаи мухталиф доранд. Сӯзаниҳои Тоҷикистон вобаста ба тарзу тариқаи зиндагӣ ва мавқеи зист (Истаравшан, Конибодом, Кӯлоб, Панҷакент, Шаҳритус, Бадахшон, Рашт, Ҳисор) фарқ мекунанд. Сӯзаниҳои Истаравшан гирдагулҳои бузург, сӯзаниҳои Кӯлобу Шаҳритус нақшунигори муҷаллои табиӣ (қисман ҳандасӣ) ва мутаносибу мувофиқ доранд. Сӯзаниҳои Панҷакент бошад рангҳои назаррабо, нақшҳои қадимаи пурмазмун, рангомезии хос доранд ва бештар бо нахи шоҳӣ бо истифодаи омехтаи наххои ранги хокистарӣ бо кабуд, арғувонӣ бо бунафш, зарди паст бо норинҷӣ ва ғайра дӯхта мешаванд.

Бархе аз бонувони ҳунарманди Панҷакент дар рӯйи матоъи сӯзанӣ чамани шукуфон ва пур аз гулро мекашанд, ки ин бесабаб нест. Дар ин рангорангии гулҳо маънии амиқ нуҳуфтааст, дар он орзуву омол ва ормонҳои мардум инъикос гардидааст ва нишон аз зебоипарастии миллати мо аст.

Анъанаи оро додани манзил бо сӯзанӣ аз замонҳои қадим ба мерос мондааст. Бо вуҷуди он ки солҳои охир садҳо навъи матоъ дар бозор дастрас аст, бонувони тоҷик бо орзуву ниятҳои нек дар ҷиҳози арӯсон сӯзанӣ мегузоранд ва болиштҳоро бо гулҳои сӯзанӣ оро медиҳанд.

Шаҳри Панҷакент бо таърихи бой, фарҳанги қадимӣ ва суннатҳои дерини ҳунармандӣ яке аз марказҳои муҳимми фарҳангии Тоҷикистон ва минтақа маҳсуб мешавад. Пешниҳоди Панҷакент барои гирифтани унвони «Шаҳри байналмилалии ҳунармандӣ», ки воқеан, барои ин шаҳр иқдоми муҳим ва сазовор мебошад, тобистони имсол сурат гирифта буд.

Ба ин муносибат аз 21 то 24 август дар шаҳри Панҷакент ба муносибати сафари расмии ҳайати Комиссияи байналмилалии арзёбии «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳо» ба шаҳри Панҷакент намоишгоҳи «Сӯзании Панҷакент» доир гардид, ки мутахассисон онро намоиши нодир арзёбӣ намуданд. Ва билохира «Шурои ҷаҳонии ҳунармандӣ» (World Crafts Council), ки бо ЮНЕСКО алоқамандӣ дорад, сӯзании Панҷакентро эътироф кард.

Бо ин эътирофи байналмилалӣ, Панҷакент метавонад ҷузъи муҳимми шабакаи шаҳрҳои ҳунармандии ҷаҳон гардад. Ин маънои боз ҳам бештар рушд ёфтани сайёҳӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва эҷоди имконияти нав барои ҳунармандонро дорад.

**Шоиста Исматзода**

# ПАНДИ «ФАЛАК»

**Ҳикмат ва санъат мафҳумҳои ҳамвазну андешабарангезанд. Ин ду якдигарро пурра мекунанд, аз якдигар неруву нур мегиранд. Аз ҳамин сабаб, хурдтарин осори санъат, хоҳ суруду мусиқӣ бошаду хоҳ дуредгариву наққошию рассомӣ дар худ ҳикмате доранд. Сурудҳои «Фалак» ҳам баёнгари ҳикмати зиндагонӣ ва асрори коинотанд.**



Асосгузорони ин жанр дар пардаи сурудҳои фалак, асосан, рубоӣ ва дубайтиҳои халқию китобиро ҷой додаанд, ки баёнгари ҳикмат ва ё андешае дар боби рӯйдодҳои зиндагонӣ бошад.

*Сари кӯҳи баланд ҷуфти ситора,*
*Ҷавони навхати бисту дусола.*
*Ҷавонон қадри ҳамдигар бидонед,*
*Дигар кай мешавад умри дубора.*

«Фалак» – меҳрнома, асрорнома ва фироқномаи ниёгони мо аст. Ҳама намуди сурудҳои фалакӣ, чи фалаки роғӣ, чи фалаки даштӣ сарчашмаи ягона доранд. Оғозгоҳи онҳо дили орзупарвару ҳикматписанди ниёгони мо аст. Ҳамон диле, ки нураш то фалакҳо рафта, неруяш қораҳоро мусаххар кардааст. Ҳамон диле, ки ҳазор сол зебоӣ офарид, шаҳрҳо сохт ва талқини дӯстӣ кард.

Фалак ҳам дар зоти худ номаи дӯст ба дӯст аст.

*Фарёд зи дасти фалаки ҷомакабуд,*
*Ёрони маро ягон-ягон омада бурд.*
*Гар қоидаи фалак чунин хоҳад буд,*
*Як рӯзи дигар навбати мо хоҳад буд.*

Дарёи фарҳанг аз сарчашмаҳо ба ҳам омадааст. Мактаби ҳунари халқ сабаб шуд, ки адабиёти хаттӣ зуҳур кунад. Устодони фалаксаро баъдтар дар баробари рубоиҳои халқӣ, рубоиҳои китобиро низ бо оҳангҳои фалакӣ суруданд. Ва ин анъанаи неку ибратбахш то рӯзгорони мо идома дорад. Рубоиҳои устодони сухан Умари Хайём, Абусаиди Абулхайр, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ таъсиру нақши сурудҳои фалакиро дар дили дӯстдорони суруд зиёдтар карданд.

*Эй чархи фалак, харобӣ аз кинаи тӯст,*
*Бедодгарӣ шеваи деринаи туст.*
*Эй хок агар синаи ту бишкофанд,*
*Бас гавҳари қиматӣ, ки дар синаи туст.*

Чунин рубоиҳои пурмазмун, ки мо намунаашонро дар мақола овардем, баробари шунидан ба дилу руҳи шунавандагон таъсири амиқ мегузоранд, зеро оҳанг қудрати суханро зиёд ва маъноҳои ниҳонии шеърро равшантар ифода мекунад. Ба ҳамин сабаб, ба хотири бегазанду пойдор мондани як бахши фарҳанги миллӣ, мо бояд «Фалак»-ро эҳтиёт кунем, зеро «Фалак» як гулистони пургулест, ки як гӯшаи онро гулҳои панду ҳикмат оро медиҳанд.

*Дар зери боми «Фалак» навоҳои дил аст,*
*Сад нағмаи дилрас аз ҳавоҳои дил аст.*
*Азбас зи ҷаҳони хираду дил ояд,*
*Чун «Канзи шифо» дар ӯ давоҳои дил аст.*

**Убайдулло Акрамзод.**

# ШЕФТАИ ҲУНАР

**Ба ифтихори 34-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 200 нафар кормандони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияташон натиҷаҳои шоистаи таҳсин доранд, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои олии давлатӣ ва ҷоизаву унвонҳои фахрӣ қадрдонӣ гардиданд. Яке аз ин нафарон сарояндаи ансамбли давлатии «Фалак» -и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ибодат Раҷабова мебошад, ки бо унвони фахрии «Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуд.**



*Ибодат Раҷабова*

Банда ҳамаи комёбию дастовардҳои худро маҳз, аз шукӯҳи Истиқлоли давлатӣ мебинам, - мегӯяд Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Ибодат Раҷабова, зеро, маҳз, Истиқлоли давлатӣ ва таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба санъати миллӣ имкон фароҳам овард, ки «Фалак» рушд кунад ва мо ҳунармандон ва сарояндагони ин жанри суннатӣ дар ҷомеа мавқеъ пайдо кунем. Феълан, дар ҷумҳурии мо ҳамасола 10-уми октябр ҳамчун Рӯзи «Фалак» таҷлил мешавад, ки ин арҷ гузоштан ба ҳунари ниёгонам мебошад.

**– Ибодат, чун дар арафаи Рӯзи «Фалак» қарор дорем, мехоҳам каме дар бораи фаъолияти Ансамбли давлатии «Фалак» ва сарояндаҳои машҳури он ёдовар шавед.**

– Ансамбли давлатии «Фалак» -и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз гурӯҳҳои ҳунарии бонуфуз ва соҳибноми ҷумҳурӣ аст. Дар он сарояндаҳои номӣ Шуҳрат Сайнаков, Фотима Машрабова, Матлуба Раҳимова, Шоҳин Абдуллоев, Лоиқ Холов, Идизода Рӯзибой, Ҷумъа Раҷабов, Сафовуддин Раҷабов, Иззатулло Абдуллоев, Раҳматулло Боймадов, Қудратулло Муродов ва Комрони Ҳошим кору фаъолият доранд. Ҳунармандони ансамбл бо беҳтарин сурудҳои хеш дар чорабиниҳои ҳукуматӣ ва иду ҷашнҳо ҳунарнамоӣ мекунад ва ҳамчунин, пайваста дар хурсандиҳои мардум шарик мебошанд.

**– Чаро Шумо, маҳз, «Фалак»-ро интихоб кардед?**

– Соли 2006 ҳангоми тамошои оинаи нилгун бохабар шудам, ки дастаи ҳунарии «Дарё» -и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон озмун эълон намудааст. Маҳз, ҳамин озмун сабаб шуд, ки ман ба ансамбли давлатии «Фалак» роҳ ёбам. Азбаски аз хурдӣ ба сарояндагӣ шавқу рағбати беандоза доштам, қавл додам, ки ҳатман рафта дар озмун иштирок менамоям, шояд ки муваффақ шавам. Он солҳо бо фарзандонам Суман ва Марҷона дар ноҳияи дурдасти Темурмалик истиқомат доштам. Чун азмам қавӣ буд, бе дудилагӣ роҳ гирифтам ба шаҳри Душанбе. Макони баргузории озмунро пурсон шуда, ёфтам. Озмун дар Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мешуд. Аъзои ҳакамон якчанд сурудҳоямро гӯш карда, бандаро ба ансамбли давлатии « Фалак» фиристоданд. Ин лаҳзаҳо бароям хотирмон мебо-

шад, зеро ки аз рӯзи аввали ба ин даста омаданам роҳбари даста шодравон Давлатманд Холов ва дигар аъзоёни ансамбл маро ба хушнудӣ пешвоз гирифтанд. Аз ҳамон сол ин макон бароям азизу муътабар аст. Бо сарояндаҳои ин даста унс гирифта, то инҷониб дар ин ҷо сарбаландона кору фаъолият намуда истодаам.

**–Ҳар як сароянда суруде дорад, ки бо он миёни ҷомеа шинохта мешавад. Махз, кадом суруд Шуморо ба мухлисон шиносонид?**

– Суруде, ки маро ба мухлисону ҳаводоронам шинос намуд, шеъри шоири халқии Тоҷикистон Хайрандеш бо оҳанги Файзалӣ Ҳасан бо номи «Тоҷикистонай ватанам, ватанам биҳиштай» мебошад, дар Ҷашни Наврӯз сароида будам. Ин Наврӯзи соли 2010 буд...

**– Шумо ба кишварҳои хориҷӣ сафарҳои эҷодӣ доштед. Бигӯед, ки санъати тоҷикро дар хориҷи кишвар чӣ гуна қабул мекунанд?**

– Бале, хушбахтона банда ба давлатҳои Туркия, Русия, Узбекистон ва ғайра сафарҳои эҷодӣ доштам. Дар толорҳои консертӣ баъди баромадҳоямон эҳсос намудам, ки санъату фарҳанг сарҳад надорад.

Халқиятҳои дигар санъати тоҷиконро меписанданд ва таваҷҷуҳи зиёд доранд. Алалхусус, ба либосҳои миллии тоҷикии мо, маҳз бо либосҳои тоҷикӣ тоҷиконро мешиносанд.

**– Шумо яке аз сарояндагоне ҳастед, ки ҳамеша бо либоси миллӣ ба саҳна мебароед. Вале имрӯз бештари ҳунармандони ҷавони мо либосҳои хоси миллатҳои бегонаро мепӯшанд, ки ин ба насли ҷавону наврас бетаъсир нест. Дар ин хусус чӣ гуфтан мехоҳед?**

– Бояд қайд намоям, ки муаррифкунандаи фарҳанги тоҷикон, маҳз, либоси миллӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳамчун зан, ҳамчун санъаткор ба ҳамкасбонам тавсия доданиам, ки ҳангоми ба саҳна баромадан ҳатман либосҳои миллӣ – атласу адрас ва чакану гулдӯзиҳои минтақаҳои гуногуни кишварамонро ба бар намоянд. Ин либосҳо зебанда буда, ба ҳусни онҳо зебоии дучанд зам мекунад.

**– Мегӯянд, ки духтаратон аз пайи Шумо рафтааст?**

– Бале, духтарам Марҷона пешаи сарояндагиро интихоб намудааст. Ӯ аллакай бо сурудҳои халқии худ ба дилҳои мухлисонаш роҳ ёфтааст. Марҷона ҳоло дар ансамбли давлатии «Лола» кору фаъолият дорад.

**– Ба андешаи Шумо Зан–Модари тоҷик чӣ саҳме дорад дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ?**

– Чун зану модари тоҷик бо сарбаландӣ гуфта метавонам, ки занону бонувони тоҷик дар таҳкими Истиқлолӣ давлатӣ нақши назаррас доранд. Онҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бо як масъулияти баланд кору фаъолият менамоянд. Аз ин лиҳоз, сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ



- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба баланд бардоштани мавқеи занон равона шудааст.

Сиёсати дурусту созандаи Президенти кишвар имкон дод, ки мақому манзалати мо бонувон дар ҷомеа баланд бардошта шавад.

Ҳоло дар кишвар самтҳои истеҳсолотро бидуни кору фаъолияти занон тасаввур намудан ғайриимкон аст. Мақоми зан дар ҷомеаи мо рӯз то рӯз боло меравад. Натиҷаи таваҷҷуҳи хоса ва ғамхориҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯз зани тоҷикро дар тамоми корҳои созандагӣ пешоҳанг мебинем.

Мо бонувон низ ҷавобан бо ин ғамхорию қадршиносиҳои Пешвои муаззами миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусро ба даст гирифта кӯшишу ғайрат менамоем, ки дар баробари рисолати модарию ҳамсарӣ, бо масъулияти баланду фаъолияти пурсамари хеш дар корҳои созандагиву бунёдкории давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон саҳмгузор бошем ва суннату арзишҳои миллиамонро ҳифз намуда, зери парчами сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат бо як эътимоди қавӣ ба сӯйи ояндаи дурахшони Ватан қадам гузорем.

– Ташаккур, барои суҳбат. Дар охир, аз номи кормандони МД маҷаллаи «Фирӯза» ба Шумо ва дар симои Шумо ба ҳамаи ҳунармандони Ансамбли давлатии «Фалак»-и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саломатӣ ва комёбиҳои бузург орзу менамоем.

*Мусоҳиб* **Сарвар Урозова**

# ЗАБОНИ ИШҚ ВА ШЕЪР



*Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,*
*Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.*

Ин меҳрномаи устоди сухан, фарзанди номвари халқи ҳинду Муҳаммад Иқбол ҳам ифтихорангез ва ҳам масъулиятафзо аст. Ҳар як тоҷик ва форсизабонро водор мекунад, ки ганҷинаи пургавҳари забони модарии худро эҳтиёт кунад, онро огоҳона ва фарзандвор биомӯзад.

Дарии тоҷикӣ, дар ҳақиқат, забони шеъру ишқ аст. Агар чунин намебуд, ҳанӯз ҳазор сол пеш устод Рӯдакӣ намегуфтанд:

*Ба савти навову ба сити маонӣ.*
*Тараббахши руҳам, фараҳзои ҷонам!*

Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ҳам латофату назокати ин забони қудсиро ситоиши карда гуфтааст:

*Ба шеъри Ҳофизу Шероз мегӯянду менозанд,*
*Сияҳчашмони кашмирию туркони самарқандӣ.*

Ва ё:

*Дар осмон на аҷаб, гар ба гуфтаи Ҳофиз,*
*Суруди Зуҳра ба рақс оварад Масеҳоро.*

Сухантирозони хушхаёли гузашта неъмати гаронбаҳои ишқро бо ин забони шево он гуна, ки мебояд сутудаанд. Ва ин вожаи зебою хушоҳангро забони модарии мо зеботару диловезтар ва маҳбубтар кард. Эҷодкорони халқҳои дигар калимаи нуронию оташини ишқро дар забони тоҷикӣ шукуҳмандтару азизтар дарёфтанд. Агар чунин намебуд донишманду шоири ҳинд Шиблии Нуъмонӣ намегуфт:

*Гар худовандӣ ҳавас дорӣ дар иқлими сухан,*
*Бандагии Ҳофизи Шероз мебоист кард.*

Шоири олмонӣ Ҳиёте ҳам бо меҳр ошиқона гуфтаст:

*Ҳофиз, ту мисоли ҷовидонӣ,*
*Чун умри абад надорӣ поён.*
*Ҳар як ғазалу чакомаи ту,*
*Ҳар нақши сарири хомаи ту.*
*Вобаста фақат ба хеш бошад,*
*Чун чанбари осмони гардон.*

Шоири номвари рус Сергей Есенин ҳам самимона нидо додааст: «Ту гуфтӣ Саъдии оқил...», «Ватани нилгуни Фирдавсӣ...».

Хонандагони нуктасанҷ, ғарази шоирони бузурги дигар халқҳо аз ном бурдани ниёгони шуҳратёри мо таъкиде ба бузургиву тавоноии забони тоҷикӣ ва адабиёти оламшумули мо аст. Ба қавли Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ:

*Ман чу лаб гӯям, лаби дарё бувад,*
*Ман чу ло гӯям, мурод илло бувад.*

Аз файзу баракати забониамон на танҳо мо соҳибзабонон, инчунин, дигар халқҳои Машриқ ҳам бархурдор шудаанд. Дар заминаи вожагони форсӣ забон сохтаанд, адабиёти нафиса бунёд кардаанд. Фоизи зиёди забонҳои туркӣ, озарӣ, урду, узбекӣ, паштунӣ, балуҷӣ, курдӣ ва ғайраро калимаҳои тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Суруди миллии Ҷумҳурии Исломии Покистон ба истиснои ҳамагӣ ду вожа, комилан, тоҷикӣ аст.

Истиқлоли давлатии Тоҷикистони азиз ва фидокориҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои инкишофи забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам овард. Мо бояд ин имконро барои боз ҳам нерумандтар шудани ин ганҷинаи миллат истифода барем. Ва забони модарии худро барои ҳазорсолаҳои дигар ҳамчун забони ишқ ва шеър нигоҳ дорем.

Зеро:

*Тоҷикӣ аз шеваи шоҳаншоҳист,*
*Тоҷу тахте аз ҷаҳони форсист.*

**Убайдулло Акрамзода**

# САРЧАШМАИ ХИРАД

***«Китоб маҳсули ақлу заковати мардуми соҳибтамаддун, омили асосии ҳифзи фарҳанги миллӣ ва яке аз муҳимтарин воситаҳои маърифатнок кардани ақли ҷомеа буда, қобилияти сухандониву суханрониро сайқал медиҳад, доираи андешаи тафаккур ва ҷаҳонбинии инсонро васеъ ва ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ раҳнамоӣ мекунад».***

**Эмомалӣ Раҳмон**

Китобхониву китобдорӣ инсонро бофарҳанг, шахси комилу олиҳимат, меҳанпараст, соҳибмаърифат, донишманд намуда, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд.

Шоистаи зикр аст, ки ҳар як иқдом ё санаде, ки аз олами афкору андешаҳои созандаи Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон арзи вуҷуд мекунад, боиси болоравии маънавиёти мардум ва қишрҳои мухталифи ҷомеа мегардад.

Тавре мардуми хирадсоларамон огоҳанд соли ҳафтум аст, ки бо ташаббуси Президенти кишвар дар Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявӣ ба монанди «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» миёни қишрҳои ҷомеа, роҳандозӣ гардидааст, ки бештари иштирокдорони он аз таълимгирандагони муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, муассисаҳои олӣ буда, ҳамчунин, иштироки фаъолонаи сокинони рӯзгордида, ки таҷрибаи хуби зиндагӣ доранд, дида мешавад.

Халқи бе китоб ба одами нобино монанд аст, ки ҳусни дунёро намефаҳмад. Ҳамчунин, халқи аз китоб маҳрум ба инсоне шабоҳат дорад, ки бе оина рӯи худро дида наметавонад. Китоб маънавиёти инсонро бояд оро диҳад, на ҷевони ӯро. Китоб зинати дилҳост, на тамошогаҳи дидаҳо. Аз қадимулайём бобоёну падарони мо таввасути китобҳои панду насиҳат ба фарзандон одоб ёд медоданд.

Боиси шуҳратёр гардидани бузургонамон ин робитаи ногусастании онҳо ба китобу китобхона буд. Аз мутолиаи пайвастаи ин гавҳару ганҷинаи бузург онҳо тавонистанд мақоми хосеро соҳиб гарданд.

Пас, мо бояд аз бузургонамон биомӯзем ва робитаи худро бо китобхонаҳо зиёдтар намоем. Китоб сарчашмаи дониш аст, моро бо гузаштаи дуру наздик пайваст менамояд, бо ҳаёти имрӯз, бо фарҳанги мардумони гуногуни олам ошно месозад. Китоб моро дарси мардонагӣ ва инсоншиносӣ меомӯзад, аз китоб роҳи мо равшан аст, аз китобхонӣ мо метавонем ба худшиносӣ бирасем.

Оре, китоб пурқиматтарин падидаи фарҳангист. Аксарияти одамони бофарҳанг ва бомаърифати олам китобро чун гавҳари қиматбаҳо, сарчашмаи дониш, воситаи таълиму тарбия, фароғат ва мероси як насл ба насли дигар пазируфтаанду нисбати китоб ва китобдорон боэҳтиром сухан меронанд. Зеро китоб муҳимтарин сарчашмаи дониш аст.



**Ҳуснофарин Ҷамолова**
*докторанти PhD-и Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода*

Тавре аз мазмуни байти Абдураҳмони Ҷомӣ дар бобати китоб бармеояд, шоир китобро аз як тараф «аниси кунҷи танҳоӣ» аз тарафи дигар, «фурӯғи субҳи доноӣ» номидааст. Дар ҳақиқат, китоб қувваи хеле бузург дорад. Беҳуда нест, ки нависандаи халқи рус А. М. Горкий гуфтааст: «Ман тамоми хубиҳоро аз китоб омӯхтаам ва худро дар назди он қарздор мешуморам».

Мутолиаи китоб касро бо беҳтарин олами пурасрор, ки ҷаҳонро равшанию нур ва хушию сурур мебахшад, шинос менамояд. Шахсе, ки пайваста дар мутолиаи китоб мекӯшад, дарахти пурсамареро мемонад, ки меваҳои он ҳар лаҳза инсонро қувваи ҳастиву тавон ва имону виҷдон мебахшад.

Маҳз, китобу китобхонаҳо буд, ки мероси гаронбаҳои гузаштагонамон ҳамчун чашмаи донишу маърифат ба мо боқӣ мондааст. Маҳз, китоб барои дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ тарбия намудани ҷавонон мусоидат намуда, ҳар як наслро ба маърифатнок шудану инсони комил будан ҳидоят менамояд.

# АСРОРИ РАНГҲО

**«Дар ин мусаввара чӣ розе ниҳон аст?» – суол мекунам аз рассом Наргис Аҳророва. Каме ба андеша мераваду посух мегӯяд: «Ҳар як ранг дар ин асар дунёи рози хешро дорад, ки на ҳар кас қобилияти дарки он мекунад Ранги сурх - нишони мубориза аст, ки дар инҷо истифода кардем, осмон ранги сафеду нилобӣ дорад ин ба он маъност, ки поёни шаби сиёҳ сафед аст. Ранги сабз - ранги умедворист, маънои онро дорад, ки бидуни орзую умед зиндагӣ маъно надорад. Воқеан, рангҳо мафтункунанда ҳастанд...»**



*Наргис Аҳророва*

Наргис Аҳророва ба мусаввараи офаридааш менигараду ба андеша меравад, гӯё дар олами рангҳо сайр мекунад. Пас аз каме андеша мӯқаламро гирифта тасвирашро комил мекунад... ва боз ба олами рангҳо бармегардад...

Банда ба рафти кори ӯ бо диққат нигоҳ мекунам... Агар шоирону нависандагон ба воситаи каломи бадеъ сураткашӣ намоянд, рассомон бо қалам сеҳрофарӣ мекунанд. Вақте ба асарҳои тасвиркардаи ин бонуи зебою ҳунарманд назар кардам, ин мисраъҳо ба ёдам омаданд:

*Зи як сӯ шохи райҳон бардамида,*
*Зи дигар сӯ дарахтон сар кашида*
*Ба пойи сарв сунбул дарфитода*
*Бунафша пеши савсан сар кашида...*

Наргис дар асарҳое, ки меофарад, қадр кардани зебоиҳои ҳаёт, ғанимат шуморидани умр ва дигар сифатҳои некро тарғиб мекунад. Ин рассоми моҳиру некбин меҳру муҳаббати инсониро нисбат ба Ватани азизамон бо забони рангҳо бисёр диққатҷалбкунанда тасвир намудааст. Аз ҷумла, дар асари «Духтари тоҷик», ӯ ҳамчун неъмати бебаҳо, бақои оила, ояндаи неки кишварро дар симои духтари тоҷик тасвир кардааст. Дар ин тасвир рамзи зебоӣ, иффат ва ахлоқи либоспӯшии зани тоҷик тасвир ёфтааст. Ё асари «Дар оғӯши кӯҳистон» тараннуми суннатҳои миллӣ буда, ҳадафи аслии ӯ тасвири инсони озод дар оғӯши табиати сеҳрангез мебошад. Дар асари «Тоҷикистон – кишвари зебои ман» сарсабзию ободии шаҳру деҳаҳо, кӯҳҳои осмонбӯсу чашмаҳои софу зулол хеле ҷолиб тасвир ёфтааст.

Наргис Аҳророва солҳои зиёд аст, ки дар баробари рассомӣ дар Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуда, ба донишҷӯён ҳунари рассомӣ меомӯзад. Ӯ ба шогирдон талқин мекунад, ки заҳматписанд бошанд, зеро барои рассом сабуру меҳнатдӯст будан бисёр муҳим аст.

Мегӯянд, ки ҳар қалбе пок бошад дар он сабр, муҳаббат ва бахшандагӣ дида мешавад. Ин хислати ҳамидаи инсониро дар Наргис мушоҳида кардам ва аз ӯ пурсидам:

– Хушбахтӣ чист?

Наргис бо як табассуми зебое ба ман нигоҳ карда, гуфт:

– Хушбахт будан, машғул шудан ба кори дӯстдошта аст. Ман вақте пушти кори эҷодӣ мешинам худамро хушбахттарин одами рӯйи дунё эҳсос мекунам...

**Зулфия Меглиева,**
*омӯзгори МД «Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов»*













# ҲИФЗИ ХОТИРАИ ТАЪРИХӢ

**Осорхонаҳо на танҳо ҷойи ҳифзу нигоҳдории ганҷинаҳои таърихию фарҳангӣ, балки мактаби бузурги маърифат, василаи бедор кардани ҳисси худшиносӣ ва меҳанпарастии мардум ба ҳисоб мераванд. Онҳо баёнгари руйдодҳои тақдирсоз, корномаи шахсиятҳои таърихӣ ва таҷассуми урфу одату суннатҳои миллӣ буда, наслҳоро ба эҳтироми гузашта ва дарки ҳуввияти миллӣ ҳидоят месозанд.**



**Ҷамолиддин Абдулов**
*номзади илмҳои педагогӣ, корманди Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

Ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, пажӯҳиш ва намоишдиҳии беҳтарин намунаҳои табиӣ ва волотарин офаридаҳои инсонӣ вазифаи асосии осорхонаҳост. Доир ба аҳаммияти осорхонаҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин ибрози ақида намудаанд: «Халқе, ки ба гузаштааш арҷ мегузорад, халқе, ки ҳофизаи қавии таърихӣ дорад, ҳатман осорхона бунёд мекунад».

Хушбахтона сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар соҳаҳои муҳимми тақдирсоз, аз ҷумла, масъалаҳои ҳифзу нигаҳдошт ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ ва вобаста ба ин, фаъолияти осорхонаҳоро низ фаро гирифтааст. Чунончи, дар чанд соли охир осорхонаҳои нав дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Хуҷанд, Ҳисор, Турсунзода, Кӯлоб ва ноҳияҳои Данғара, Восеъ, Муъминобод, Файзобод, Лахш ва дигар ҷойҳо ба фаъолият шуруъ намуданд. Дар ин раванд бунёди осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон, осорхонаи таъриху кишваршиносии вилояти Хатлон ба номи Авасто, муассисаҳои давлатии «Осорхона-мамнуъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара», Мамнуъгоҳи таърихӣ-фарҳангии «Ҳулбук», «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб», Осорхонаи ҷумҳуриявии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Осорхонаи таърихи вилояти Суғд, таъмири Осорхонаи ҷумҳуриявии шаҳри Панҷакент, бунёди Осорхонаи нави миллӣ дар шаҳри Душанбе гувоҳи ин ҳарфҳост.

Дар ин ҷода, бунёди бинои муҳташаму зебои Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва ба фаъолият оғоз намудани он як рӯйдоди муҳимми таърихӣ, падидаи барҷастаи фарҳангии сатҳи байналмилалӣ ва натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Лозим ба таъкид аст, ки дар рушди Осорхонаҳои Тоҷикистон сиёсати фарҳангӣ ва ибтикороти фарҳангпарваронаи Пешвои муаззами миллат нақши меҳварӣ дорад. Ҷавҳари ин сиёсатро пуштибонӣ аз манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ, дифоъ аз забон ва таърихи тоҷикон дар сатҳи сиёсати давлатӣ дар баробари эҳтиром ба дастовардҳои маънавии халқамон ва арҷгузорӣ ба шоҳкориҳои ниёгон ташкил мекунад.

Аз таҳлилҳои илмӣ бармеояд:

- осорхонаҳо дар замони Истиқлол ба яке аз рукнҳои сиёсати фарҳангӣ табдил ёфтаанд;
- таваҷҷуҳи давлат ба ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои ташаккули ҳувияти миллӣ заминаи устувор гузошт;
- пайвастани Тоҷикистон ба низоми ҷаҳонии осорхонашиносӣ имкони густариши ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангиро фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, сиёсати фарҳангсолоронаи Президенти кишвар на танҳо заминаи мустаҳками ҳифзи мероси таърихиро ба вуҷуд овард, балки рушди осорхонаҳоро ҳамчун соҳаи илмӣ ва тарбиявӣ таъмин намуда, дар таҳкими худшиносии миллӣ ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ нақши босазо гузошт.

# ДУХТАРЕ АЗ ДУНЁИ ХАЁЛ

**Театр барояш олами бегона буд, агарчи дудаву дудмони падариаш аз ҳунармандони бузургу саршинос ва яке аз поягузорони театру синамои тоҷик ба шумор меравандод. Ӯ то синни 16-солагӣ дар гӯшаи хаёлаш ҳам намепиндошт, ки риштаи умраш бо олами зебои театр мепайвандад ва ӯро ба умқи ин муҳаббатсаро ғуттавар месозад...**



Мунира Қосим 3-юми декабри соли 1995 дар шаҳри Душанбе дар хонаводаи сулолаи наттоқони варзидаи радио ва телевизиони тоҷик Северой Қосимова ва Аҳмадҷон Қосимов таваллуд шудааст. Бибиву бобо аз рӯзноманигорони шинохта буданд ва ду фарзандашон Мунаввара Усмонова ва Саидҷон Қосимов низ солҳо дар радиову телевизион фаъолият карданд.

Бобояш Аҳмадҷон бародари Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шуравӣ Муҳаммадҷон Қосимов буд. Яъне қаҳрамони мо аз дудмони Мушаррафа Қосимова, Фаррух Қосимов, Хуррам Қосимов ва Сабоҳат Қосимова аст.

Падараш – Шокир муҳандис-бинокор буд, модараш - Моҳира Исмоилова – ҳамшираи шафқат. Мунира ҳамагӣ се моҳ дошту дар бағали модараш тифлаки зебои ширхора буд, ки падару модараш ҳарду зиндагии дигар ихтиёр карданду аз ҳам ҷудо шуданд. Бо далели он ки пайвандони модараш дар ноҳияи Бохтар – Кӯшониёни имрӯза буданд, Моҳира духтараш Мунираро аз Душанбе ба зодгоҳаш Кӯшониён мебарад. Мунира соли 2002 ба дабистони №1-и ноҳия ба синфи аввал рафт. Модараш бошад дар шуъбаи беморихои сироятии Беморхонаи ноҳия кор мекард. Овони бачагиҳои Мунира бо модараш мегузашт.

Соли 2011 Моҳира бо духтараш Мунира, ки акнун синфи 9-умро поён оварда буд, ба шаҳри Душанбе омад ва Мунира ду соли охири дар Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №19 таҳсил намуд. Модараш дар корхонаи нассоҷии шаҳри Душанбе ба ҳайси дӯзанда кор мекард. Мунира ҳам инҷо модарашро танҳо нагузошт ва ӯро кумак мекард ва як сол дар Омӯзишгоҳи нассоҷӣ таҳсил ҳам дошт.

Баъди хатми мактаб, Мунира ба Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи Муҳаммадҷон Қосимов (театри «Аҳорун») омад, то розу ниёзи ҳунар омӯзад. Роҳбари театр Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон равоншод Сабоҳат Қосимова маслиҳаташ дод, ки дар риштаи коргардонӣ таҳсил кунад, чунки дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода риштаи актёрӣ бахши ғоибона надошт. Ҳамин тавр, Мунира ҳунари коргардониро ғоибона хонду ҳунарпешагиро аз мактаби Сабоҳат Қосимова омӯхт.

Дар намоишномаҳои «Имтиҳон»-и Файзулло Ансорӣ нақши Адолат, «Юсуфи гумгашта боз ояд...» нақши Зулайхо, «Шоҳ Фаридун» нақши Ширинкор, «Ҷуз сухани ганҷ магӯ» нақши Хуршед, «Тартюф»-и Ж. Б. Молиер нақши Мариана, «Макбет»-и В. Шекспир нақши Хонум Макбет, «Қурбониҳои ишқ» нақши Дилором, «Исфандиёр» нақши Катоюн, «Таъбири ишқ»-и Низоми Ганҷавӣ нақши Лайлӣ, «Евгений Онегин»-и А.С. Пушкин нақши Анися ва ғайра нақш офарид.



*Мунира Қосим бо ҳамкоронаш*

Дар баробари ин, риштаи коргардониро хатм карда соли 2019 ҳамчун кори дипломӣ намоише дар равияи театри як актёр таҳия намуд бо номи «Ҷунуни ишқ» аз ашъори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ. Нақши ошиқи дилфигорро худаш офарид...

Ҳоло Мунира Қосим ҳунарпешаи Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ буда, тоза дар намоишҳо ҷалб шудааст. Мо ба ин ҳунарпеша барору комёбӣ орзу мекунем.

**Лутфуллои Азиз**
*журналист*

# ПАЙРАВИ КАСБИ ПАДАР

**Ҳамасола моҳи октябр дар кишвари мо ҳамчун Рӯзи омӯзгор ҷашн гирифта мешавад. Таҷлили ин сана арҷ гузоштан ба хизмати афродест, ки бо таълиму тарбияи насли наврас оиндаро месозанд.**



## ОИЛАИ НАМУНАВӢ

Ҳанӯз аз давраи ҷавонӣ ин бонуи зебо, чаққон ва дидадароро мешиносаму эҳтиром менамоям. Бо Маърифат дар ҳамсоягӣ истиқомат доштему чун аъзои як оила ба воя расидем.

Маърифат Сафарова худ зодаи ҷамоати Кангурт буда, давраи кӯдакию ҷавониаш дар ноҳияи Темурмалик гузаштааст. Макони зисташро иваз намуданашон сабаб дорад. Падари бузургвораш Ғанӣ Сафаровро ҳамчун шахси кордону масъулиятшинос ва омӯзгори асил аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик ва Шуъбаи маорифи ноҳияи Темурмалик ба кор даъват намуданд. Аз ҳамон сол бо маслиҳату дуои волидайн оилаи Сафаровҳо ба маркази ноҳияи Темурмалик кӯч бастанд, ва то ҳол чун оилаи тифоқ ва намунавӣ он ҷо истиқомат доранд.

Фарзандони ин хонавода софдилона ва бо сари баланд дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа кору фаъолият намуда истодаанд.

## АЗ ПАЙИ КАСБИ ПАДАР

Маърифат Сафарова соли 1981 ба синфи 1-уми Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 ноҳияи Темурмалик рафта, соли 1991 онро бомуваффақият хатм намуд. Дар мактаб хонандаи пешсаф буд ва дар ҳамаи чорабиниҳо фаъолона иштирок мекард. Ӯ дар ҳамаи дарсҳо фаъол буд, вале ба фанҳои химияву биология шавқу рағбати зиёд дошт, зеро падараш омӯзгори ин фанҳо буд.

Маърифат Сафарова баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳои худро ба факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ супорид ва бо сари баланд донишҷӯ шуд. Аз устодони маъруфу барӯманди донишгоҳ сабақ омӯхтанро оғоз кард ва дил орзуҳои зиёдеро мепарварид.

Баъди як соли таҳсил, яъне соли 1992 дар кишвар, махсусан, шаҳри Душанбе ҷангҳои шаҳрвандӣ оғоз шуд. Вазъи шаҳр ноором шуда давом додани таҳсил ба донишҷӯён душвор гашт. Донишҷӯён маҷбур шуданд ба хонаҳои худ баргарданд.

Маърифат ва ҳамкурсонашон аз таҳсил дур монданд, аммо руҳафтода нашуданд. Онҳо бовар доштанд, ки рӯзе вазъият дар шаҳр ба эътидол меояду давом додани таҳсил барояшон муяссар мегардад. Дар ин рӯзҳои вазнину душвор бисёре аз падару модарон иҷозат надоданд, ки духтаронашон таҳсилро давом диҳанд. Волидайни Маърифат бошад ба ӯ дуо доданд, то ба таҳсилаш идома диҳад. Ҳамин тавр, ӯ соҳиби касби пуршарафи омӯзгорӣ гашт. Вай ба орзуи деринаш расид, омӯзгори фанҳои химия ва биология шуд.

## ЗИНАҲОИ КАМОЛОТ

Соли 1996 Маърифат Сафарова фаъолияти омӯзгориашро дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 1-и ноҳияи Темурмалик оғоз намуд. Дар мактаб якҷоя бо устодони худ паҳлу ба паҳлу истода ба тарбияи насли наврас машғул шуд...

Муаллимаи ҷавону зебо аз чашми хостгорҳо дур намонд. Бо дуои неки волидайн ба Рустам ном ҷавоне аз Ҷамоати деҳоти Корези ноҳияи Данғара ба шавҳар баромад. Баъди туйу сур ва кӯчидан ба хонаи шавҳар фаъолияташро дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и Ҷамоати деҳоти Корез ба кор идома дод. Дар ин мактаб низ ӯ содиқона ба таълиму тарбияи шогирдон машғул шуд. Талош мекард, ки усулҳои нави таълимро истифода бурда, шогирдонро ба дарс дилгарм намояд. Кордониву масъулиятшиносии ӯро ба назар гирифта, соли 2003 маъмурияти мактаб ба вазифаи ҷонишини директор оид ба таълим таъйин намуд.

## МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРӢ

Соли 2013 Маърифат Сафароваро аз тарафи Шуъбаи маорифи ноҳияи Данғара директори Муассисаи



таҳсилоти миёнаи умумии №3-и Ҷамоати деҳоти Корез таъин намуданд. Коллективи омӯзгорони мактаб аз ин интихоб хушнуд шуданд, зеро бо ин муаллимаи соҳибтаҷриба солҳо кор карда, малакаи роҳбарии ӯро медонистанд.

Маърифат Сафарова ҳангоме, ки вазифаи душвор ва пурмасъулро ба зимма гирифт, кӯшиш намуд, ки дучанд кор кунад, сифати таълиму тарбияро дар мактаб хубтар ба роҳ монда, хонандагонро ҳамчун шахсони босаводу бомаърифат ва ояндасози ҷомеа омода намояд ва дар ин кор муваффақ ҳам шуд.

## МАКТАБИ НАВ – МАСЪУЛИЯТИ НАВ

Вақте, ки Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и Ҷамоати деҳоти Корези ноҳияи Данғара сохта ба истифода дода шуд, Маърифат Сафароваро бо таври гузариш ҳамчун роҳбари кордон ва бомасъулият ба ин мактаб гузарониданд. Бояд қайд намуд, ки Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Данғара 22 марти соли 2014 бо ташрифи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии мардумии Чин кушода шуд, ки яке аз мактабҳои беҳтарини замонавӣ ба шумор меравад. Мактаб аз 30 синфхона иборат буда, барои 640 нафар хонанда дар як баст сохта шуд. Дар умум, шароитҳои ин муассисаи таълимӣ хуб буда шогирдон дар озмунҳо ҷойҳои намунавиро ишғол менамоянд.

Маърифат Сафарова дар муассисаи таълимӣ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, фанҳои дақиқ ва технологияи инноватсионӣ аҳаммияти хоса медод. Ҳамчунин, талош намуд, ки хонандагони мактаб дар озмунҳои фаннӣ ва озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи донои китоб аст» фаъолона иштирок намоянд ва соҳиби ҷойҳои намоён шаванд. Ин талошҳои роҳбари чашмикордон ҳам самар оварданд. Ҳоло хонандагони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Данғара ғолиби озмунҳо, узви Академияи хурди илмҳо ва гирандаи стипендияҳо ҳастанд...

Маърифат Сафароваро дар давраи фаъолияти корӣ дар ин муассиса барои хизматҳои назаррас ва саҳми арзанда дар рушди соҳаи маориф бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ифтихорномаву сипосномаҳо қадрдонӣ намуданд.

## РОҲБАРИ МАКТАБ-ИНЕРНАТ

Соли 2024 бо ташрифи Пешвои миллат Мактаб-интернати ноҳияи Данғара ифтитоҳ ёфт. Ин муассиса иборат аз 2 ошёна, 22 синфхонаи таълими барои 600 нафар хонанда буда, барои 200 нафар хонанда хобгоҳ низ дорад. Дар Мактаб-интернат толори маҷлисгоҳ, толори варзишӣ, бунгоҳи тиббӣ бо мошинаи ёрии таъҷилӣ низ мавҷуд аст. Кабинетҳои фаннӣ амал мекунад, барои технологияи меҳнат 10 адад мошинаи дарздӯзӣ, 32 адад компютер, принтер, 8 адад тахтаи электронӣ, 8 адад прожектор оварда шудааст, ки ҳамеша дар ҳолати корӣ мебошад.

Аз моҳи майи соли 2024 роҳбарии Мактаб-интернат ба дӯши бонуи бомаърифату ободкор, оқилаву хоксор, мушфиқу ғамхор, роҳбари созандаву бонуи хушсалиқа Маърифат Сафарова гузошта шуд.

## РИСОЛАТИ ХОНАДОРӢ

Маърифат Сафарова ба ғайр аз роҳбари муассиса будан, рисолати ҳамсарӣ ва модариро иҷро мекунад. Ӯ бо шавҳараш Рустам Алихонов оилаи тифоқ дошта соҳиби 4 фарзанд ва 3 набераи дӯструяк мебошанд. Ду фарзандашон маълумоти олӣ дошта, дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа кору фаъолият намуда истодаанд. Писараш Динмуҳаммад Алихонов тибқи квотаи Президентӣ ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дохил шуда, донишгоҳро бо дипломи аъло хатм намуд. Ӯ ҳоло дар Академияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил дорад. Шорух Алихонов баъди хатми Донишгоҳи молия ва иқтисод хизмати Модар–Ватанро баҷо оварда бо сари баланд ба назди волидайнаш баргашт. Фархунда Алихонова дар курси чоруми Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара таҳсил дорад. Сино Алихонов дар синфи 7-уми Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Данғара таҳсил менамояд.



*Маърифат Сафарова бо аҳли хонавода*

Маърифат дар хона низ ба тарбияи фарзандон аҳаммияти хоса дода, ба тарбияву донишандӯзии онҳо диққати ҷиддӣ медиҳад. Мехоҳад, ки фарзандон соҳибмаълумот гашта дар ҷомеа мавқеи худро ёбанд.

Маърифат Сафарова пешаи интихобкардаашро пурифтихор, бошараф ва муқаддас дониста, барои соҳибмаърифатии аҳли ҷомеа омӯзгорро аввалиндараҷа меҳисобад. Ӯ пайваста меомӯзад ва кӯшиш менамояд, ки барои гулгулшукуфии ҷомеа нақши арзанда гузорад.

**Сарвар Урозова**

# Истиқлол ва таҳкими ҳокимияти судӣ

**Дар даврони соҳибистиқлолӣ низоми ҳуқуқӣ дар кишвар ташаккул ёфта, сохтори давлатдорӣ ва идоранамоии он дар заминаи қонуну қарор ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардид. Ҳамчунин, дар ин давра, барои таҳкими ҳокимияти судӣ қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуд.**



**Шаҳноза Бобоева**
*ёрдамчии муовини Раиси Суди конститутсионии ҶТ*

Мавриди таъкид аст, ки дар роҳи рушду таҳкими ҳокимияти судӣ, ки аз Конститутсия сарчашма мегирад, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳим ва назаррас мебошад. Сарвари давлат тақвияти фаъолияти ҳокимияти судиро яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ қарор дода, дар заминаи он барои ташаккули низоми судии кишвар ва баланд бардоштани мақоми ҳокимияти судӣ дар ҷомеа тадбирҳои судманд роҳандозӣ намуданд.

Аз ҷумла, дар марҳилаи нисбатан кӯтоҳ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон се барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010, 2011-2013 ва 2015-2017 қабул ва амалӣ гардид. Дар доираи Барномаҳои мазкур кодексҳои мурофиавии граждании, иқтисодӣ, ҷиноятӣ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ва «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» таҳия ва қабул гардиданд.

Дар ҳамин раванд, дар Суди Олӣ, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва маъмурӣ ташкил карда шуданд, ки ба таҳкими ҳокимияти судӣ ва татбиқи адолати иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Зимни амалӣ гардидани Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017 қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодексҳои меҳнат ва мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» дар таҳияи нав бо меъёрҳои мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ қабул карда шуданд.

Инчунин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2015 Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд, ки дар асоси он шаҳрвандони ниёзманд аз ёрии ҳуқуқии ройгон бархурдор мегарданд.

Дар асоси ислоҳоти конститутсионӣ, ки моҳи майи соли 2016 дар ҷумҳурӣ сурат гирифт, судҳои ҷумҳурӣ аз тобеияти ҳокимияти иҷроия бароварда шуда, ҳаллу фасли масъалаҳои хеле муҳим дар самти таъмини ташкили фаъолияти судҳо, таъминоти моддию техникии онҳо, тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо, инчунин пешбарии номзадҳо ба вазифаи судя вобаста ба судҳои умумӣ ба зиммаи Суди Олӣ ва оид ба судҳои иқтисодӣ ба зиммаи Суди Олии иқтисодӣ вогузор карда шуд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019 Барномаи навбатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 тасдиқ гардид, ки бевосита аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018 сарчашма мегирад. Тибқи чорабиниҳои Барнома дар таҳрири нав қабул намудани кодексҳои гражданӣ, ҷиноятӣ ва манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», бо мақсади таъмини принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ, дастрасии ҷомеа ба фаъолияти судӣ таҳия ва қабули Қонун «Дар бораи таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо», такмил додани меъёрҳои КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Татбиқи Барномаи мазкур барои таҳкими боварии ҷомеа ба ҳокимияти судӣ, боз ҳам устувор шудани сохтори низоми судӣ ва пешрафту пурсамар гардидани фаъолияти он, такмили қонунгузорӣ ва иҷрои саривақтии санадҳои судӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

# САҲМИ БОНУВОН ДАР РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ

**Дар даврони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи давлат ва ҳукумати кишвар ба баланд бардоштани мавқеи занон равона карда шуд. Ташаббусҳои занон дар кишвар дастгирӣ ёфта, имрӯз бонувони тоҷик неруи асосии зеҳнию фарҳангӣ ва иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравaнд ва дар соҳаҳои гуногун кору фаъолияти пурсамар доранд.**

Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардид, ки дар баробари оне, ки бонувони тоҷик дар соҳаҳои маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ кору фаъолият доранд, ҳамчунин, онҳо бояд бештар дар сохторҳои бонкӣ ба кор ҷалб гарданд.

Пешвои миллат зарур мешуморанд, ки дар муассисаҳои низоми бонкӣ, алоқа, шуғл ва дигар бахшҳои хизматрасонӣ бештар занону духтарон кору фаъолият намоянд...

Дар рафти сафари хизматӣ ба ноҳияи Қубодиён мо гурӯҳи эҷодӣ бо мақсади шиносоӣ бо фаъолияти бонувони соҳаи бонкдорӣ ба филиали №52-и КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Қубодиён омадем ва бо яке аз бонувони фаъол Зулфия Юнусова ҳамсуҳбат гардидем.

«Вақте, ки донишу малакаи маро санҷида, дар бахши бонки амонатгузории ноҳия ба кор қабул намуданд, шодиам ҳадду канор надошт. Баъди хатми донишгоҳ, ҳатто, дар ягон гӯшаи хаёлам ҳам намеомад, ки риштаи ҳаётам бо Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» гиреҳ мехӯрад», – мегӯяд Зулфия Юнусова.

Ӯ дар ин соҳа зина ба зина фаъолияти пурсамар дорад:

- соли 2005-2019 – нозир - хазинадори маркази хизматрасонии бонкии филиали №52 КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Қубодиён;
- соли 2019-2023 - нозири калони хазинадори ҳамин филиали бонкӣ;
- соли 2023 нозири хазинадори калон оид ба пардохтҳои коммуналӣ ва дигар пардохтҳои филиали №52 КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Қубодиён;
- аз соли 2004 - то имрӯз иқтисоддони дараҷаи 2 оид ба қарзи филиали №52 КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Қубодиён...

Бо Зулфия аз кору фаъолияти бонувони ин соҳа пурсон шудам. Ӯ ба фаъолияти бонувон дар соҳаи бонкдорӣ баҳои баланд дода, чунин ифроз намуд:

«Иқдоми Сарвари давлат оид ба ҷалби бештари бонувон ба бахши бонкдорӣ дар навбати худ бо беҳтар гаштани сатҳу сифати хизматрасониҳои молиявию бонкӣ беш аз пеш мусоидат менамояд.

Дастури Президенти кишвар дар мавриди ҷалби бештари бонувон ба кори бонкҳо маънои онро надорад, ки фақат ба хотири ҷинси латиф будан ба онон имтиёз медиҳанд.



*Зулфия Юнусова*

Кормандон тибқи озмун ба кор ҷалб мегарданд ва талаботи озмун хеле ҷиддӣ аст, зеро иштибоҳи як адад метавонад тақдири одамро дигар кунад. Корманди бонк бояд ҳамеша ростқавлу ҳалолкор буда, дасту дили пок дошта бошад. Тибқи озмун маҳорату малакаи довталаб ҳамаҷониба санҷида мешавад. Комиссия ба сатҳи дониши касбӣ, донандагони технологияҳои замонавӣ, забонҳои хориҷӣ афзалият медиҳад».

Дар заминаи эътимод ва дастури бевоситаи Пешвои муаззами миллат ва дастгирию таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» шумораи бонувони фаъол ва соҳибмаърифату соҳибмалака дар бонк сол аз сол зиёд шуда истодааст.

«Дар партави ин сиёсати беназир барои фаъолияти пурсамари мо бонувон дар «Амонатбонк» тамоми шароитҳои муосиру мусоиди кору хизматрасонӣ фароҳам оварда шудааст, ҷавобан ба ин ғамхориҳо мо кӯшиш мекунем, ки дар рушди низоми бонкии кишвар саҳми арзандаи хешро гузорем» – мегӯяд ҳамсуҳбати мо..

**Нилуфар Раҳмонова**

# ЗИНДАГИАФРӮЗ

**Сарнавишту рӯзгори одамиро рафтори нек, гуфтори нек, пиндори нек ва илму дониш ҷилову нур мебахшад. Инсонҳои соҳибфазилату хирадманд бо хислатҳои наҷиб ва шоистаи худ миёни ҷомеа маҳбуби дилҳо гашта, атрофиён ба онҳо бо чашми пурмеҳр менигаранд...**



*Мавлудахон Шарифзода*

## ХОНАВОДАИ СОЛЕҲ-РАИС

Солеҳ Шарифовро пиру барнои шаҳри Хуҷанд чун ходими намоёни давлатӣ ва шахсияти бофазлу адаб мешинохтанду эҳтиромашро ба ҷо меоварданд. Рӯзгори Солеҳ-раис ва ҳамсараш Шафоатхон Шарифова барои хешу ақрабо ва ҳамсояҳо намунаи ибрату ифтихор маҳсуб меёфт.

Самари муҳаббати поку беолоиш миёни ду ҷуфти ба ҳам зебанда шаш фарзанди зебову дилбанд ба шумор мерафт. Ҳастии онҳо сарнавишти ду гули боғи муҳаббатро зебову дилработар мегардонд.

Фарзандони чун гул нозанин ҳар яке барои волидони хеш азиз буданд, миёни меваҳои боғи муҳаббати ду ҳамсафари паймонбаста дар ҷодаи қисмат Мавлудахон дунёи рангину хаёлоти зебое дошт, аз овони хурдӣ дар қалби поки хеш орзуи духтур шуданро мепарварид. Солеҳ Шарифов бо вуҷуди ходими намоёни сиёсӣ будан нисбат ба адабиёт, илму фарҳанг таваҷҷухи хоса зоҳир менамуд. Дар рӯзи шодиву нишот барои фарзандон ва пайвандон гарномоятарин тухфа – китобро лоиқ медонист, аз ин рӯ ба онҳо ин ганҷи бебаҳоро дар ҳама иду айём ҳадя меовард.

## ҚАЛАМИ МОДАР

Солеҳ-амак рӯзе багажи мошини сабукрави хидматии худро пур аз китобҳои бадеӣ намуда, ба хона омад. Фарзандони ташнаи илму дониш вақте китобҳоро диданд, худро шоду масрур эҳсос намуда, ба мутолиаи онҳо машғул гардиданд.

Падар китобхонии ҷигарбандонашро дида, аз ин амали онҳо завқ мебурд, рӯзе ба зеҳнаш фикри аҷибе омад, ки бояд миёни онҳо озмуни беҳтарин китобхонро эълон намояд. Бо маслиҳату машварати завҷааш Шафоатхон ин иқдоми наҷибро роҳандозӣ карданд. Солеҳ-раис, ки ҳамеша ба корҳои давлатӣ андармон буд, назоратро бар дӯши модари фарзандон вогузор карда, аз ҷараёни он ҳамвора пурсон мешуд. Миёни шаш фарзанд Мавлудахон ва бародараш Абдумалик дар китобхонӣ ҳамчун пешсафони озмун ба ҳисоб мерафтанд. Барои аҳли оила ҷамъбасти озмун лаҳзаи ҳаяҷонбахш ба шумор мерафт, зеро имтиҳони ҷиддие фарзандонро интизор буд. Волидайн аз ҳар яки онҳо дар мавриди асарҳои хондаашон пурсон мешуданд, ҷигаргӯшаҳо низ ҳар он чӣ хонда буданд, як-як ба падару модар қисса мекарданд.

Онҳо ба хулосае омаданд, ки заҳмату талоши фарзандонро бояд қадр намуд. Аз ин рӯ, ба ҳар яке тухфаҳои хотиравӣ медоданд. Шафоатхон-хола ба хотири мутолиаи хуб қалами зебову хушрангеро ба Мавлудахон тухфа кард. Ҳадяи модар сарнавишти фарзандро рақам зад ва ӯ дар оянда рӯзноманигор шуд.

## МАҲОРАТИ ЖУРНАЛИСТӢ

Мавлудахони ташнаи илму дониш пас аз хатми Мактаби миёнаи рақами 20-и шаҳри Хуҷанд соли 1972 ба факултети таъриху филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Кирови шаҳри Ленинобод (имрӯза Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) дохил шуда, боргоҳи илму ирфонро соли 1976 бо саодатмандӣ хатм намуд.

Ба рӯзномаи "Маҳорати педагогӣ" ба кор даромада, қобилияти рӯзноманигории хешро сайқал медод, хабару лавҳаҳоро аз дастоварду комёбиҳои донишҷӯён бо диду нигоҳи тоза менавишт.

Сармуҳаррири рӯзнома Абдусаттор Абдуқодиров ба ӯ таваҷҷуҳ намуда, эҳсос мекард, ки духтари чобук ва



содиқ ба касби хеш ояндаи дурахшон дорад. Аз ин рӯ, боэътимод ҳама масъулияти кори нашрияро ба дӯшаш мегузошт, боварии комил дошт, ки ӯ аз уҳдаи ин рисолат мебарояд. Рӯзе фаро расид, ки масъулияти роҳбарии рӯзномаи "Маҳорати педагогӣ" насиби духтари ҷавону донишманд гашт. Муддати ду сол дар ин даргоҳи нуру хуршед ба ҳайси сармуҳаррир фаъолият намуд. Тарбияи волидон ва устодонаш боис гардид, ки Мавлудахон Шарифзода роҳи хешро дар ҷодаи ҳамвору ноҳамвори кору рӯзгор пайдо намуд.

## САРМУҲАРРИР

Мавлуда Шарифзода солҳои 1978–1980 дар мактаби олии сиёсии ҳизбии шаҳри Тошканд таҳсил карда, соҳиби дипломи аъло гардид. Пас аз хатми муваффақонаи мактаби ҳизбӣ бо даъвати бевоситаи Котиби якуми Кумитаи Ҳизби Коммунистии собиқ вилояти Ленинобод Рифъат Ҳоҷиев ба кори ҳизбӣ гузашта, нозукиҳои сиёсат ва роҳбариро омӯхт. Чун ба эҷод ва кори рӯзноманигорӣ меҳраш зиёд буд, ба ҷодаи дӯстдоштаи хеш рӯ оварда, дар саҳнаи бекаронаи қаламкашӣ комгору низ соҳибмақом гардид.

Соли 1980 бо дастури Кумитаи иҷроияи Ҳизби Коммунистии вилояти Ленинобод ба нашрияи "Ҳақиқати Ленинобод" (имрӯза "Ҳақиқати Суғд") ба ҳайси муовини сармуҳаррир ба кор омад. То соли 1998 дар ин даргоҳи муътабар фаъолият намуда, дар рушду пешрафти кори рӯзнома саҳми арзандаи хешро гузоштааст.

Дониш ва малакаи эҷодиашро ба назар гирифта, соли 1998 ба вазифаи сармуҳаррири рӯзномаи "Тарозу ҷаҳон"-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд таъинаш намуданд. То соли 2013 дар ин ҷарида фаъолияти босамар намуда, ба нафақа баромад.

Пас аз ба нафақа баромадан ҳам, Мавлуда Шарифзода ба фаъолияти эҷодӣ идома медиҳад ва дар маҷаллаи муътабари «Паёми Суғд» фаъолият дорад.

Мавлудахон Шарифзода аз соли 1998 то соли 2009 ба ҳайси раиси Созмони вилоятии Иттифоқи журналистони Тоҷикистон фаъолият карда, дар тарбия ва ба камол расонидани рӯзноманигорони ҷавон нақши бориз гузоштааст.

## НУРИ ЗИНДАГӢ

Ин бонуи фархунданиҳод дар баробари фаъолияти рӯзноманигорӣ оид ба кору рӯзгори шахсиятҳои фарҳехтаи диёр асару мақола ва китобҳои арзишманд эҷод кардааст. Аз ҷумла: "Ҷӯрабек Муродов", "Ҷамолу зинати дунё", "Нури зиндагӣ", "Тухтабой Ғаффоров", "Саттор Қаюмов", "Ҷони одам", "Неруи роҳ аз роҳравон аст", "Ҳам гавҳар асту ҳам дарё" ва ғайра. Қаҳрамонҳояш инсонҳои нексиришту муътабар ба шумор рафта, саҳми ҳар яке аз онҳо дар пешрафту шукуфоии Тоҷикистони азиз расидааст.

## МАКТАБИ УМР

Хидматҳои арзишманди рӯзноманигори соҳибмактаб Мавлудахон Шарифзода бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003), Ҷоизаи адабии Камоли Хуҷандӣ (2003), Ҷоизаи байналмилалии журналистон "Оинаи бародарӣ" (2009), медали "100-солагии матбуоти тоҷик" ва бо мукофотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ, ҳамчунин, бо сипосномаҳои Вазорати фарҳанг ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардидааст.

Кӯлбори хотираҳояш лабрези лаҳзаҳои хуби рӯзгорро мемонад. Ӯ дар дунёи хотираҳо зиндагиро зеботар мебинад, ҳар гоҳ ки сайри олами хотираҳо мекунад, хешро дар муҳити дигар эҳсос мекунад. Гоҳе зери лаб табассуми зебое мекунаду гоҳе дона-дона ба ёди азизони рафтааш ашк мерезад.

Воқеан, рӯзгори ибратомӯзи инсонҳое чун Мавлудахон Шарифзода барои насли имрӯзи мо мактаби бузургест, дар шоҳроҳи беканори зиндагӣ ки мебояд, аз он дарси кору рӯзгор бояд омӯхт.

Мавлудахон Шарифзода аз зумраи рӯзноманигорони соҳибэҳтиром махсуб ёфта, умри бобаракати хешро сарфи хидмат ба халқу Ватан намуда, ҳастии хешро ба эҷод бахшидааст, дар қаламрави қисмат чун модари соҳибфазилат ва рӯзноманигори фарҳехта соҳиби иззату икром гардида, шогирдони бешумореро дар ин ҷодаи пуршараф тарбия намудааст.

**Акбар Абдусамадов**

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ВАБОИ АСР АСТ!

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки «Терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар аъмоли он гувоҳ аст, ки терроризм ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст».**



Мо ҳамеша бо суханони Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайравӣ намуда, терроризм ва экстремизмро шадидан маҳкум менамоем. Инчунин, барои ҳифзи якпорчагии ин Ватани биҳиштосо ҳамеша омодаем ва сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаи Президенти кишварро дастгирӣ менамоем.

Имрӯз терроризм дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон доман паҳн карда, хатари бузурги иҷтимоӣ дорад ва барои амнияти давлатҳои алоҳида ва минтақаҳо воқеан таҳдид эҷод менамояд ва айни замон марбут ба амалҳои террористӣ дар ҷаҳон муташанниҷ боқӣ мемонад. Сарфи назар аз тадбирҳои солҳои охир андешидашуда дар бахши мубориза бо терроризм, таҳдиди амалҳои нави террористӣ на фақат аз байн нарафтааст, балки афзоиш ёфтааст. Дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон фаъолшавии созмонҳои террористӣ ва ташкилоту созмонҳои маблағгузории онҳо ба мушоҳида мерасад.

Албатта онҳое, ки мегӯянд ифротгароӣ ва терроризм падидаҳое мебошанд, ки инсониятро дар тамоми тӯли таърих ҳамроҳӣ намуданд, беасос нест. Решаҳои онҳо хеле чуқур мебошанд. Ҳоло касе гуфта наметавонад, ки якумин амалиёти террористӣ кай, дар куҷо ва бо кадом мақсад сар задааст.

Дар аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи нав ҳам одамони алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои муташаккили сиёсию мазҳабие буданд, ки ба воситаи тарсонидану даҳшатофаринӣ мехостанд мақсадҳои худро ба дигарон бор кунанд, зимни ин одамони бегуноҳ қурбон мешуданд.

Дар охири қарни гузашта ва ибтидои ҳазораи нав амалҳои ифротгароӣ ва террористӣ бештар характери сиёсӣ гирифтанд, доираи фаъолияти террористон хеле васеъ гардид. Бо инкишофи техника ва технологияи нав шаклу намудҳои нави террористӣ ба вуҷуд омаданд, ки аз рӯйи иқтидори харобиовариашон ба амалиёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд.

Нагирифтани пеши роҳи ин хатари умумибашарӣ метавонад боз ҳазорҳо мардуми осоиштаро аз ҳаёт маҳрум созад, зеро дар қалбу вуҷуди онҳое, ки чунин зулму ситам ва афкору андешаи ҷоҳилона ҷой гирифтааст, ба ҷуз бадбахтӣ ва маҳрумият овардан дигар андешаи солиме ҷой надорад. Харобу валангор гардидани садҳо бинову иншоот, ҷон бохтани мардуми осоишта, фирор намудани аҳолӣ аз макони зист подоши расидан ба ҳадафҳои ҷинояткоронаи ин гурӯҳҳо аст.

Ҳар як фарди худогоҳ ва ватандӯст бояд дар ҳифзи нигоҳдории якпорчагии ватан, ягонагии ҷуғрофӣ ва сиёсии кишвар, дифои сулҳу оромӣ, истиқлолу ваҳдати миллӣ масъулиятшинос бошанд. Моро лозим аст, то ин ки Ваҳдати миллиро пос дошта, ба қадри ин неъмати бебаҳо ва муқаддас бирасем ва ҷавонони ватандӯсту ватанпарварро тарбия намоем, ки дар оянда ин гавҳари ноёбро ҳифзу эҳтиёт намоянд.

Ба мо зарур аст, ки ин ваҳдати миллӣ ва сулҳро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем ва ҳама аз як гиребон сар баровarda барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ камар баста, дар муқовимат ба афкори экстремистӣ, террористӣ муташаккилона мубориза барем ва нагузорем, ки нохалафе фазои ороми Тоҷикистони азизамонро ғуборолуд созад.



**Ҷаҳоноро Асророва,**
*омӯзгори кафедраи тиббии оилавӣ МД «Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ»*

# ГЕПАТИТ: САБАБҲОИ БЕМОРӢ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ

**Солҳои охир теъдоди нафароне, ки ба гепатит гирифторанд зиёд мешаванд. Чун гепатит бемории сироятӣ аст, барои пешгирӣ аз он бояд эҳтиёт кард ва чораҳо андешид. Ҳамсуҳбати мо табиби сироятшинос Раҳмонова Гулнора Қурбоналиевна дар ин маврид ба шумо маълумоти бештар медиҳанд...**

**– Гепатит чӣ гуна беморист ва чӣ тавр паҳн мешавад?**

– Калимаи "гепатит"маънои илтиҳоби ҷигарро дорад. Аммо дар муқоиса бо ин таърифи оддӣ он метавонад хеле ҷиддӣ бошад. Ин беморӣ метавонад дар натиҷаи сироятҳои вирусӣ, истеъмоли аз ҳад зиёди машрубот, нашъамандӣ ё бемориҳои аутоиммунӣ ба вуҷуд ояд.

**– Нишонаҳои бемории гепатит чӣ гуна зоҳир мешавад?**

– Панҷ намуди асосии гепатитҳои вирусӣ мавҷуданд: A, B, C, Д ва E, ки ҳар як намуди он бо сабабҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Аломатҳои асосии гепатит хастагӣ, дарди шикам, зардпарвин (зардшавии пӯст ва чашм), дилбеҷошавӣ ва аломатҳои зукомро дар бар мегирад. Табобати беморӣ аз намуд ва вазнинии он вобаста аст.

**– Гуфтед, ки панҷ намуди гепатити вирусӣ мавҷуд аст. Мехоҳем ба хонандагони мо дар ин хусус маълумоти бештар диҳед.**

– Гепатити А: Ин навъи гепатит, ки дар натиҷаи сирояти вируси гепатити А(HAV) будам, тавассути тамоси ғайримустақими даҳон ва наҷосат, одатан тавассути истеъмоли оби бо наҷосат олудашуда ё хӯрокҳое, ки дар оби олуда зиндагӣ мекунанд ба вуҷуд меояд. Он навъи камтар хатарнок аст ва боиси илтиҳоби дарозмуддати ҷигар намешавад. Баъди табобат вирус аз бадани инсон хориҷ мегардад. Ба гепатити А бештар кӯдакони аз 5 то 14-сола гирифтор мешаванд, зеро онҳо ба гигиена аҳаммият намедиҳанд.

Гепатити B: Ин намуди вирус ба ду қисм ҷудо мешавад шадид ва ҳомили барангезанда. Ба воситаи алоқаи ҷинсӣ, аз сӯзандори истифодашуда, инчунин, аз модари бемор ба кӯдаки навзод ҳангоми таваллуд мегузарад. Инчунин, шахси бемор метавонад онро ба дигарон интиқол диҳад, ҳатто вақте ки нишонаҳои ин беморӣ дар худаш зоҳир нашавад.

Гепатити С: Шахс метавонад бо ин намуди вирус ҳангоми тамос бо хуни олуда ё сӯзандору барои маводи мухаддир ва холкӯбӣ (татуировка) мубтало шавад. Ин вирус худро дарҳол нишон намедиҳад, баъзан вақт нишонаҳои сабуки он рӯ мезананд. Дар баъзе ҳолатҳо метавонад сиррози ҷигарро ба вуҷуд орад.

Гепатит D: Ин ҳолат танҳо дар сурате рӯй медиҳад, ки шахс аллакай ба гепатити B гирифтор шуда бошад.

Гепатит E: Он асосан, дар Мексика, Африқо, Осиё ва Ҳиндустон паҳн шудааст. Одатан ин беморӣ ба шахсоне сироят мекунад, ки аз кишваре бармегарданд, ки дар он ҷо авҷи беморӣ вуҷуд дорад. Ба монанди гепатити А, шахс одатан, тавассути истеъмоли (хӯрдан ё нӯшидани) чизе, ки бо ин вирус олуда шудааст, гирифтор мешавад.



*Раҳмонова Гулнора*

**– Чӣ тавр метавон ин бемориро пешгирӣ намуд?**

– Аввал эҳтиёт бояд шуд. Ҳангоме, ки занҳо ба толори зебоӣ мераванд ё ба дандонпизишк муроҷиат мекунанд, бояд диққат диҳанд, ки бо сӯзанҳо ва асбобҳое кор кунанд, ки нав бошанд. Ногуфта намонад, падару модар бояд сари вақт тифли худро аз таваллуд то чормоҳагӣ ба духтур бурда эмгузаронӣ (ваксина) кунанд. Нисбати саломатии хеш бепарво набошед. Ҳар як шахс бояд дар як сол ду маротиба ба духтур муроҷиат кунад. Саломатии ҳар як инсон дар дасти худи ӯ мебошад.

**– Шахсоне, ки ба ин беморӣ гирифторанд ба онҳо чӣ тавсия медиҳед?**

– Агар шахс фаҳмад, ки ба ин беморӣ гирифтор аст бе аҳаммиятӣ накарда зуд ба духтур муроҷиат кунад ва сари вақт табобат гирад. Ҳангоме, ки шахс беморӣ гепатит мешавад, вайро аз ташхиси лабораторӣ мегузаронанд ва муайян мекунанд, ки ба кадом намуди бемории гепатит гирифтор аст ва баъд ба табобати он шуруъ мекунанд. Донистан зарур аст, ки сари вақт муроҷиат кардан ба духтур ва гирифтани табобати пурра ба ҳар як шахс зарур аст, чунки тамоми гепатитҳои вирусӣ сари вақт табобат мешаванд. Аз ин рӯ ҳар як шахс бояд саломатии худ ва аҳли оилаашро дар мадди аввал гузорад.

*Мусоҳиб:*
**Дилороми Раҷаб**

# КАЛИДИ ХУШБАХТӢ

*Ба нармӣ барорад басе чиз мард,*
*Ки он барнаояд ба ҷангу набард.*

Яке аз масъалаҳои муҳимми рӯзгори инсоният таъмин кардани фазои мусоид ва хушоянди муносибат дар хонадон аст. Бо вуҷуди пешрафти илму техника ва комёб шудани инсон дар кашфи асрори кайҳону коинот, ҳанӯз ҳам хушунат, зӯроварӣ ва беэҳтироми дар ҷомеа ва хонадонҳо вуҷуд дорад. Барои дар оила муҳайё кардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва сулҳу салоҳ зану шавҳар баробар вазифадоранд, зеро қарсак аз ду даст мебарояд ва як даст садо надорад.

Аҳли адаб равоншиносон ва созмонҳои ҷаҳонии ҳифзи ҳуқуқи башар солҳост, ки дар боби пешгирӣ кардани зӯроварӣ ва хушунат дар хонадон бонги хатар мезананд, чора меҷӯянд. Вале ин масъала ҳамоно ҳалношуда боқӣ мондааст.



**Бахтинисо Худойбердиева**
*мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент*

**Пас чӣ бояд кард?**

Решаи ҳалли ин мушкилӣ боз дар худи хонадон ва тарбияи хонаводагӣ аст. Агар падару модар дар рӯҳияи инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ, меҳрубонӣ ва садоқатмандӣ тарбия ёфта бошанд, бегумон муҳити хонаводаи онҳо лабрез аз шодию сурур, файзу баракат ва ободӣ хоҳад буд. Аз ин рӯ, дар ин роҳ ҳамдастӣ ва ҳамраъйии хонадон, мактаб ва аҳли ҷомеа шарти муҳимтарини комёб шудан аст. Мо бояд духтарону писарони худро дар асоси анъанаҳои деринаи миллӣ тарбия кунем. Нагузорем, ки афкору андешаи онҳо бо ғояҳои зарарноки таомули бегонагон олуда гардад. Барои руҳу равони фарзандонро тавоно кардан, онҳоро аз хурдӣ бо фарҳанги миллӣ, урфу одати аҷдодӣ ва ахлоқи ҳамида тарбият кардан мебояд.



Таҳқиқоти ҷомеашиносон нишон медиҳад, ки ҳамон зану мард дағалгуфтор, беандеша, бешарм ва қонуншикан ҳастанд, ки дар рӯҳияи тақлид ба фарҳанги бегонагон ва беэҳтиромӣ ба анъанаҳои миллӣ тарбия ёфтаанд. Вагарна, дар таомули мо тоҷикон исмат ва ҷавонмардӣ дар ҷойи аввал меистад.

Истиқлол ва сиёсати дурандешонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мо имкон медиҳад, ки дар асоси анъанаҳои неки миллӣ як рӯзгори шоиста бисозем, барои фарзандон як муҳити солим омода кунем. Набояд, фаромӯш кард, ки ҷангу хушунат дар хонадон боиси ноқис, бепарво, сангдил, дағалгуфтор ва бераҳм ба воя расидани фарзандон мегардад.

Дар зиндагӣ мушкиле нест, ки бо роҳи созиш, маслиҳат ва чораҷӯйӣ ҳал нашавад. Калиди асосии бартараф кардани низои хонаводагӣ сабру таҳаммул ва гузашт кардан аст. Агар мо бо маслиҳат ва хиради баланд ба ин мушкил бархурд кунем, ҳатман комёб хоҳем шуд.

Он гуна, ки устод Фирдавсӣ гуфтааст.

*Ҳамеша хирадро ту дастур дор,*
*Бад- ӯ ҷонат аз носазо дур дор.*

# Кадулафка

Кадулафка навъи таоми мардумии лазиз, гуворо, зудҳазм ва осонпази саридастӣ мебошад. Онро маъмулан аз кадуи пӯстгирифта, бехпиёз, пиёзи сабз, шибит, райҳон ва қадре намаку об омода менамоянд. Тарзи пухтани ин навъи таом усулан чунин аст: кадуи расидаро тунук пӯст канда, чоркунҷашакл ё андаке дарозрӯя (тақр. 4х3 см) бурида, дар оби каме намакин то пухтан меҷӯшонанд. Баъдан, кадупораҳоро аз дег берун оварда дар табақ мечинанду ба болояш пиёз, шибит, райҳон ва кашнизи майда резакардаро мепошанд. Дар паҳлуяш рӯйи дасторхон чакка мегузоранд, зеро ин таомро аксаран бо чакка тановул кардан гуворост.

## Таркибот ва меъёр
(барои 6-8 нафар)


1 дона кадуи миёнаҳаҷм


1 бандчагӣ пиёз, шибит, райҳон


2 дона бехпиёз


Намак ва адвиёт мувофиқи табъ





МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ
«ФИРӮЗА»
«Занони Тоҷикистон»
Таъсис аз соли 1932

Муассис:
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сармуҳаррир:
Мавҷуда Саидзода

**МУШОВИРОН:**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ**
*Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ**
*Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа*

**Сатториён Матлубахон Амонзода**
*Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Давлат Сафар**
муовини Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зулфия Атоӣ**
Шоири халқии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

Муҳиддин Олимов
*муовини сармуҳаррир*

Дилороми Раҷаб
*котиби масъул*

*Муҳаррирон:*
Сарвар Урозова
Зулфияи Шариф
Одил Соҳибзода
Шоиста Исматзода
Нилуфар Раҳмонова

Фурӯзонфар Неъматов
*дизайнер*

**НИШОНИИ ИДОРА:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 34
тел./факс: 221-55-64 / 227-65-88
E-mail: firuza_tojikiston@mail.ru
www.firuza-tojikiston.tj

Андозаи 60х84 $^{1}/_{8}$.
Ҷузъи чопӣ 4.
Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.

Масъулияти саҳеҳии арқом, санаду иқтибос ба зиммаи муаллифон аст.
Дар ин шумора баъзе хабару гузоришҳо ва аксҳо аз расонаҳои Интернет истифода шудаанд.

Нашри маводди маҷаллаи «Фирӯза» бе иҷозат мамнуъ аст!




# БА МАҶАЛЛАИ «ФИРӮЗА» БАРОИ СОЛИ 2026 ОБУНА ШАВЕД!

*Хонандагони азиз!*

*Маҷаллаи «Фирӯза» инъикосгари ҳаёт, фаъолият ва баёнгари зиндагии ибратомӯзи шумост! Розу ниёзшунав ва маслиҳатгару ҳамдили шумост!*

*«Фирӯза» ҳамсуҳбатест, ки ба шумо шеъру достон мехонад, қиссаву ҳикоя мекунад, чун оина чеҳраҳоятонро ба тозагиву зебоӣ пурҷило менамояд, ҳунару эҷод ва мавқеи шуморо дар ҷамъият чун намунаи ибрат тарғиб мекунад.*

*«Фирӯза» беш аз 93 сол аст, ки по ба пойи шумо қадам мебардорад, бо шукргузорӣ аз озодиву Истиқлоли давлатӣ васфи дастовардҳои Ватанро мекунад.*

*Барои дар сатҳи баланд нашр шудани маҷалла саҳми ҳар яки шумо ҳалкунанда мебошад. Моро дастгирӣ намоед ва ба маҷаллаи занони Тоҷикистон – «Фирӯза» обуна шавед!*

*Обуна дар тамоми шуъбаҳои Департаменти «Почтаи Тоҷикистон» қабул карда мешавад.*

*Индекси обуна 77543*

*Арзиши обунаи солона 180 сомонӣ, тариқи почта 205 сомонӣ.*

*Агар маблағро бевосита ба суратҳисоби маҷаллаи «Фирӯза» интиқол кардан хоҳед, суратҳисоби мо чунин аст:*

*Р/С 20202972700621101000*
*МФО 350101626*
*К/С 20402972316264*
*РЯМ 030002727*
*Инд. 734025*
*Департаменти Хазинадории*
*БДА ҶТ «Амонатбонк»*
*С/М МД маҷаллаи «Фирӯза»*